АРТИШИ МИЛЛӢ ФАРЗАНДИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ АСТ с. 5

ҶОИЗАИ ҶАҲОНИИ НИГИНА АМОНҚУЛОВА с. 2

РУСИЯ «WHATSAPP»-РО БАСТ с. 4

ТОҶИКИСТОН

№ 7 (1672), 18.02.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



АГАР...



саҳ. 8-9

ДАР ИН ШУМОРА:

ҲАМКОРӢ
Таҳкими равобити Тоҷикистону Қазоқистон с.3

КУВАЙТ
Ду дастоварди як табиби тоҷик с.2

ҚАЛЛОБИИ РАҚАМӢ
Чаро мардум ба дом меафтанд? с.7

РУСИЯ
Талаби “ҳукми абад” ба гумонбарони ҳамлаи “Крокус” с.4

ОРИФ ХОҶАЗОДА
Омори вайронкунии қонунгузории заминро ошкор кард с.6

УМРИ ЯКАСРА
Дар Тоҷикистон чанд нафақагир зиндагӣ мекунанд? с.11

РАМАЗОН
Сирри солимӣ ва парҳез аз пурхӯрӣ с.12

ВАРЗИШ
Паҳлавонони тоҷик дар Tashkent Grand Slam с.10

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

Sebiston

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› **Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.**

› **Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.**

› **Сохтмон 3 сол идома меёбад.**

› **Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.**

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

НИГИНА АМОНҚУЛОВА СОҲИБИ ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ШУД

Сарояндаи маъруфи тоҷик Нигина Амонқулова барои саҳми боризи худ дар посдорӣ ва тарғиби забони форсӣ барандаи ҷоизаи байналмилалии “Қанди порсӣ” гардид.

Тақдими ҷоизаи мазкур 15-уми феврали соли равон дар ҳамоиши Конуни фаромарзии ҳамёрии форсизабонон дар Донишгоҳи Вестминстери Британиёи Кабир баргузор шуд.

Дар муаррифии ҷоиза зикр шуд, ки Нигина Амонқулова бо эҷоди оҳанг ва иҷрои сурудҳои Мавлоно, махсусан дар ҳамоишҳои ЮНЕСКО, барои густариши забони форсӣ саҳми арзанда гузошт. Ӯ дар навори қаблан сабтшуда, ки дар ҳамоиш пахш шуд, гуфтааст: “Бароям ифтихор ва хушҳолии бузург аст, ки имсол дар арсаи хидмати забони форсӣ ва мероси кӯҳани он аз роҳи мусиқӣ шоистаи ҷоизаи “Қанди порсӣ” дониста шудам. Поянда бод забони форсӣ ва сарфароз бод мардуми нозанини он!”.

Инчунин, соли ҷорӣ Майкл Берӣ, устоди Донишгоҳи Принстон (ИМА) ва Латиф Нозимӣ, адабиётшинос аз Афғонистон соҳиби ин ҷоиза шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки ҷоизаи “Қанди порсӣ” аз соли 2014 ҳамасола ба шахсоне, ки барои посдорӣ ва тарғиби забони форсӣ талош мекунанд, тақдим мегардад. Қаблан шоири маъруфи тоҷик Гулрухсор, фаъоли маданӣ дар Самарқанд Амина Шарофиддинова низ соҳиби ин ҷоиза гардида буданд.



$60 МИЛЛИОН ГРАНТИ БОНКИ ҶАҲОНӢ БА ТОҶИКИСТОН

Бонки ҷаҳонӣ барои татбиқи марҳилаи аввали лоиҳаи “Рушди бозори нерӯи барқ ва ҳамоҳангсозии системаҳои энергетикии Осиёи Марказӣ” ба Тоҷикистон 60 миллион доллар грант ҷудо мекунад.

Созишномаи маблағгузорӣ миёни вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар кишвар Гаэл Раббаланд ба имзо расид.

Тибқи иттилои Вазорати молияи Тоҷикистон, маблағи мазкур барои бунёди хати интиқоли барқи 500-киловолта аз зеристгоҳи барқии «Душанбе-500» то зеристгоҳи «Регар-500», инчунин васеъсозӣ ва таҷдиди ин зеристгоҳҳо равона мешавад.

Ҳамзамон, грант барои омода кардани асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ ва таҳияи тарҳи мукаммали хатҳои интиқоли барқи 500-киловолтаи «Роғун - Сайҳун» ва «Ҷануб - Шимол» (марҳилаи дуюм) пешбинӣ шудааст.

ДУ ДАСТОВАРДИ ЯК ТАБИБИ ТОҶИК ДАР КУВАЙТ

Табиби ҷавон ва соҳибистеъдоди тоҷик Шарифзода Суннатулло Аҳмад, духтури ҷарроҳи МД «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Душанбе» ва ҳамзамон аспиранти кафедраи бемориҳои ҷарроҳии №1-и МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» дар 16-умин Форуми ҷаҳонии ихтироъкорон (IIMFE), ки аз 8 то 11-уми феврали соли 2026 дар шаҳри Эл-Кувайти Давлати Кувайт баргузор гардид, ба дастоварди бесобиқа ноил гардид.

ДУ МЕДАЛ - ЯК ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

Шарифзода Суннатулло дар ин форуми бонуфузи байналмилалӣ якбора 2 медал ба даст оварда:

Медали тиллои IIMFE - ғолиби ҷойи якум аз рӯи номинатсияи “Тиб ва ихтироъи беҳтарин”;

Медали биринчӣ - барои пешниҳоди ихтироъи гурӯҳӣ.

Соҳиб гардидани ду медал дар як форум яке аз дастовардҳои нодир ва нахустин дар таърихи ин намоиши байналмилалӣ ба ҳисоб меравад ва бори дигар собит месозад, ки илму зеҳни тоҷик метавонад дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи шоиста касб намояд.

(Давомаш дар саҳ. 11)

САРИ САБЗ



Беҳрӯзи НАИМҶОН,
шашмақомсарои шинохта

- Шашмақомро беҳуда «шоҳи сурудҳо» намегӯянд. Муваффақияти шашмақомсаро одатан натиҷаи як омил не, балки маҷмӯи чанд унсури муҳим мебошад. Донистани вазни арӯз хеле муҳим аст, зеро шашмақом бештар бо ҳамроҳии асбоби танбӯр иҷро мешавад.

- О, бо чунин тавзеҳот сарояндаҳоеро, ки кам андар кам ба шашмақом таваҷҷуҳ доранд, мегурезонед. Бечораҳо, баъзеяшон агар вазни арӯзро донанд, шоир мешаванд ва матни тарона фармоиш намедиҳанд.



Махфират ТОИРОВА,
хатмкардаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон

- Ба назарам, муҳим он аст, ки инсон аз ҷустуҷӯи худ натарсад. Ҳатто агар дар аввал интихоб комилан дуруст набошад ҳам, ҳамеша имконият ҳаст, ки роҳро иваз кунад, худро бисанҷад ва касби воқеии худро пайдо кунад.

- Дуруст, вале ҳамеша не дия! Агар ин тавр бошад, як умри одамӣ аз ҷое ба ҷойи дигар “паридан”-у дар ҷустуҷӯи худаш мегузарад. Дар ҳоле, ки “дарахт дар як ҷо месабзад” мегӯянд.



Орзу СОБИРОВ,
аксбардори тоҷик

- Одамон хотираҳои худ, тӯйҳо, рӯйдодҳои муҳимро ба ман бовар мекунанд. Ин эътимод шарафест, ки ҳеҷ гоҳ онро ҳамчун чизи одӣ қабул намекунам. Вақте одамон пас аз солҳои зиёд ба ин аксҳо менигаранд, мехоҳам маҳз ҳамон эҳсосеро ҳис кунанд, ки дар он лаҳза доштанд.

- Ин вобаста аз он аст, ки шумо ба хотири эътимодашон чӣ имтиёз пешниҳод карда будед. Ва, воқеан ҳам ин чизи одӣ нест, чун баъди солҳо ба аксҳо менигаранд, имтиёзи додаатон пеши назарашон меояд.

FREEDOM IT-HUB ВА $1 МИЛЛИАРД

Тоҷикистону Қазоқистон ҳамкориҳои стратегиро таҳким мебахшанд

Вазири корҳои хориҷии Қазоқистон Эрмек Кошербаев бо сафари корӣ ба Тоҷикистон омад. Дар доираи ин сафар ҷониби Тоҷикистон ва Қазоқистон рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва технологияҳои рақамиро баррасӣ карданд.



МУЛОҚОТ ДАР САТҲИ ОЛӢ

16-уми феврали соли равон вазири корҳои хориҷии Қазоқистон Ермек Кошербаев бо сафари корӣ ба Душанбе ташриф овард. Ӯ бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва вазири корҳои хориҷии кишвар Сироҷиддин Муҳриддин мулоқот анҷом дод. Ҷонибҳо ба таҳкими ҳамкориҳои стратегӣ, густариши ҳамкориҳо дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва гуманитарӣ таъкид карданд. Инчунин, зимни мулоқот ҳар ду ҷониб идомаи муколамаи фаъол дар сатҳи олӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷонибаро баррасӣ намуданд.

“Сарвари давлат дар оғози мулоқот ташрифи вазири корҳои хориҷии кишвари дӯстро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, таваҷҷуҳи пайвастаи ҷониби Тоҷикистонро ба масъалаҳои таҳкиму тавсеаи шарикии стратегӣ ва муносибатҳои ҳампаймонии ду кишвар дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтирому эътимод ба якдигар таъкид карданд”,- иттилоъ медиҳад ҳадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон.

Дар навбати худ вазири корҳои хориҷии Қазоқистон Ермек Кошербаев аз пазироии гарм изҳори сипос намудааст. Ӯ саҳми Пешвои миллатро дар рушди пайвастаи ҳама ҷанбаҳои муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистон таъкид кардааст.

Дар мулоқоти Ермек Кошербаев ва Сироҷиддин Муҳриддин бошад, маълум шуд, ки гардиши мол байни ду кишвар аз 1 миллиард доллар ҳам гузаштааст. Содирот ба 996,4 млн доллар ва воридот ба 102,8 млн доллар баробар мебошад. Сармоягузории Қазоқистон ба Тоҷикистон аз соли 2005-ум ба 585 млн доллар расидааст. Ҳоло беш аз 500 ширкат ва 91 корхонаи муштарак фаъоланд.

Воқеан, ин нишондиҳандаҳо саҳми назаррас дар рушди иқтисоди ду кишварро таҷассум мекунанд.

FREEDOM IT-HUB: ҚАДАМ БА СӮИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Вазири корҳои хориҷии Қазоқистон аз Freedom IT-Hub дар шаҳри Душанбе боздид намуд. Дар ҷараёни боздид муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Саноӣ Бойзода, сафири Қазоқистон дар Тоҷикистон Валихан Туреханов, муовини аввали директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон Ҳаким Исмоилзода, раиси Раёсати КВД «Фридом Бонк Қазоқистон» Гулфайруз Ахметова ва раиси Раёсати ҶСП «Фридом Бонк Тоҷикистон» Даурен Нисинбаев иштирок доштанд.

Freedom IT-Hub майдони нави технологӣ мебошад, ки дар заминаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон таъсис ёфтааст. Ин ҳаб таҳти сарпарастии Astana Hub ва ҶСП «Фридом Бонк Тоҷикистон» ифтитоҳ шуд.

Ба гуфтаи Даурен Нисинбаев, раиси Раёсати ҶСП «Фридом Бонк Тоҷикистон» Freedom IT-Hub талошҳои муштарак барои рушди технологияҳои рақамӣ, сармояи инсонӣ ва муҳити инноватсионӣ мебошад. Ӯ таъкид кард, ки он ба рушди устувори иқтисодиёт ва бахши технологии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ёддошти тафоҳум байни «Фридом Бонк Тоҷикистон» ва IT Park Dushanbe ҳам дар ҳамин рӯз имзо шуд, ки рушди шарикии инноватсионӣ ва дастгирии зеҳнии ҷавононро таъмин мекунад.

ДУРНАМОИ ҲАМКОРӢ

дар суҳбати Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ӯзбекистон

17-уми феврал Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Сарвазири Ӯзбекистон Абдулло Орипович, ки бо сафари корӣ дар Душанбе қарор дорад, ба ҳузур пазируфт.



Бино ба иттилои расмӣ, дар рафти суҳбат вазъи кунунӣ ва дурнамои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистону Ӯзбекистон муҳокима гардид. Роҳҳои рушд ва густариши минбаъдаи он баррасӣ шуд.

Тамоюли мусбати афзоиши тиҷорати дуҷониба ва сармоягузорӣ бо қаноатмандӣ зикр гардид. Дар ин замина, Пешвои миллат ба имкониятҳои зиёд барои пешрафти минбаъдаи ин раванд дар соҳаҳои гуногуни саноат, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак ишора кард. Инчунин, ҷонибҳо ба густариши минбаъдаи мубодилаи фарҳангӣ ва башардӯстона таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Роҳбари давлат кори муассири Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодиро, ки ҷаласаи охирини он имрӯз дар Душанбе баргузор шуд, таъкид кардааст.

Ҷонибҳо аҳамияти идомаи муколамаи созанда ва боэътимоди байнидавлатиро дар тамоми самтҳои рӯзномаи дуҷониба зикр карданд. Дар ин замина, таваҷҷуҳи хос ба таъмини омодагии босифат ба мулоқотҳо ва музокироти сатҳи олии дарпешистода равона гардид. Доир ба ҷадвали ташкил ва гузаронидани чунин чорабиниҳои байнидавлатӣ дар соли равон мубодилаи афкор сурат гирифт.

Аз нишастҳои матбуотӣ

Соли 2025 дар Тоҷикистон 23 ҳазору 448 ҷиноят сабт шуда, нисбат ба соли 2024-ум 1 ҳазору 134 ҳолат бештар мебошад. Сатҳи кушодашавии ҷиноятҳо дар соли гузашта 78 %-ро ташкил додааст.



Тибқи иттилои вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода, бархе аз ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла одамкушӣ ва одамрабоӣ коҳиш ёфтаанд. Соли гузашта 74 ҳолати одамкушӣ ва сӯиқасд ба он ба қайд гирифта шуда, нисбат ба соли 2024 як ҳолат кам мебошад. Аммо афзоиши як қатор ҷиноятҳо ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, роҳзанӣ аз 28 ба 32 ҳолат, ғоратгарӣ аз 86 ба 107 ҳолат ва таҷовуз ба номус аз 41 ба 49 ҳолат расидааст.

Прокурори генералии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода зимни нишасти матбуотӣ доир ба афзоиш ва паҳн гардидани моддаҳои писохотропӣ, аз ҷумла ҳабҳои синтетикӣ дар байни ҷавонон изҳори нигаронӣ намуд.



Ӯ афзуд, ки дар ин самт кормандони Прокуратура дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла Вазорати корҳои дохилӣ ва Агентии назорати маводи нашъаовар ҳамеша дар гурӯҳҳои корӣ ва санҷишҳое, ки дар марказҳои дилхушӣ, бозиҳои компютерӣ ва дигар клубҳо оид ба ҷилавгирии истифодаи моддаҳои психотропӣ, хусусан ҳабҳои синтетикӣ гузаронида мешаванд, иштирок менамоянд.

Соли 2025 аз ҷониби судҳои Тоҷикистон дар марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ дар маҷмуъ 153 ҳазору 150 парванда баррасӣ шудааст. Ба ин парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин дархостҳои мақомоти тафтиши пешакӣ ва пешниҳодҳои муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрочиёни хадамоти иҷро дохил мешаванд.



Дар ин бора раиси Суди Олии Тоҷикистон Рустам Мирзозода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ба гуфтаи ӯ, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 16 ҳазору 464 адад кам мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки коҳиши умумии шумораи парвандаҳо асосан аз ҳисоби кам гардидани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба вуҷуд омадааст.

РУСИЯ «WHATSAPP»-РО БАСТ

Русия паёмрасони "WhatsApp"-ро, ки муҳоҷирони тоҷик барои муошират бо оилаҳои худ аз он бештар истифода мекунанд, пурра бастааст. Инчунин кори баъзе паёмрасонҳои дигар маҳдуд гардидааст.



Хабаргузории русии "РБК" рӯзи 12-уми феврал навиштааст, ки домени паёмрасони "WhatsApp" ва шабакаи "YouTube" аз корзор (сервер)-и "Роскомнадзор", ниҳоди танзимкунандаи интернет дар ин кишвар нопадид шудааст, ки маънои баста шудани онҳоро дорад.

Дмитрий Песков, сухангӯи президенти Русия сабаби баста шудани ин паёмрасонро, ки ба ширкати "Meta" тааллуқ дорад, "риоя накардани қонунҳои Русия" гуфтааст. Ин кишвар "Meta"-ро ба рӯйхати созмонҳои экстремистӣ ворид кардааст.

Ширкати "Meta" аз ин тасмими ҳукумати Русия нигаронӣ карда, ин иқдомро "зарба ба амнияти мардуми Русия" гуфтааст. Ширкат гуфтааст, "кӯшиш мекунанд, ки иртиботро барои корбарон дар Русия дар заминаи манъ шудани паёмрасон таъмин кунанд".

"Роскомнадзор" ҳамчунин гуфтааст, ки паёмрасони "Telegram" низ ба нақзи қонунҳои Русия идома медиҳад ва аз ин рӯ ба ин паёмрасон низ маҳдудиятҳои пайдарпай ҷорӣ хоҳад кард.

Қаблан бо баҳонаи "мубориза бо терроризм ва экстремизм" низ то чанд муддат "Telegram"-ро маҳдуд карда буд. Аз ҷумла, аз моҳи августи соли гузашта зангҳои садоӣ ва видеоӣ дар ин паёмрасон баста шуда буд.

Бо вуҷуди ин, корбарон барои истифода аз паёмрасонҳо аз филтршикан ё VPN истифода мебаранд. Мақомоти Русия таблиғ мекунад, ки шаҳрвандон ва мехмонони ин кишвар аз паёмрасони русии "MAX" истифода кунанд.

ТАЛАБИ «ҲУКМИ АБАД» БА ГУМОНБАРОНИ ҲАМЛАИ «КРОКУС»

Вакили ҷабрдидагони ҳамла ба толори "Крокус Сити Ҳол"-и Маскав гуфтааст, дар мурофиаи навбатӣ аз додрас талаб хоҳанд кард, ки ба ҳамаи муттаҳамон "ҷазои сангинтарин" дода шавад.



Людмила Айвар дар ин бора рӯзи 16-уми феврал ба хабаргузории расмии "ТАСС" мусоҳиба додааст. Аз рӯйи қонунҳои Русия ҳукми сангинтарин ҳабси абад аст.

Дар ҳамлаи террористӣ ба "Крокус" дар канори Маскав дар рӯзи 22-юми марти соли 2024-ум 149 нафар нафар кушта ва 609 кас мачруҳ шуданд.

Муҳокимаи гумонбарон аз моҳи августи 2025 дар Додгоҳи дуюми ҳавзаи ғарбии низомӣ дар Маскав ҷараён дорад.

Дар курсии айбдорӣ 19 нафар нишастаанд, ки аксарашон зодагони Тоҷикистон ҳастанд. Онҳо ба тарҳрезиву муосоидат ва анҷоми ҳамлаи террористӣ муттаҳам мешаванд.

Мурофиа паси дарҳои баста мегузарад ва маълум нест, то кучо ҳуқуқи гумонбаршудагони ҳамла ба "Крокус" риоя мешавад.

Нерӯҳои қудратии Русия ҳангоми бозпурси гумонбарон даст ба азият ва шиканҷаи бераҳмонаи онҳо заданд ва созмонҳои хомии ҳуқуқ, ба мисли Human Rights Watch гуфтанд, ки ба эътирофи гумонбарон бовар кардан душвор аст.

ЗОДАГОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР АМАЛИЁТИ ИСРОИЛ ДАР ҒАЗЗА

Бино ба гузориши телевизиони "Al-Jazeera", дар амалиёти низомии Исроил дар Навори Ғазза ҳазорон хориҷӣ, аз ҷумла аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, бо шумули Тоҷикистон ширкат кардаанд.

Телевизиони мазкур рӯзи 15-уми феврал дар як гузориши таҳлилӣ гуфтааст, ки бахши зиёде аз ин сарбозони Артиши Исроил шаҳрвандии дугона доштаанд ва дар байни онҳо шаҳрвандони Амрико, Фаронса, Британиё, Олмон, Украина, Русия ва кишварҳои дигар ҳастанд.

Бар асоси феҳрасти хориҷиёне, ки дар амалиёти Исроил дар Навори Ғазза ширкат кардаанд,

- 264 нафар аз Ӯзбекистон,

- 189 нафар аз Қазоқистон,

- 52 нафар аз Қирғизистон,

- 31 нафар аз Туркманистон ва

- 8 нафар аз Тоҷикистон будаанд.

Дар гузориш омадааст, ки дар миёни 264 шаҳрвандии Ӯзбекистон намояндагони 5 миллат ҳастанд. Ҳарчанд дар гузориш аз кадом миллат будани онҳоро зикр накардаанд, вале муаллифон гуфтаанд, ки онҳо шаҳрвандии Исроилро ҳам доранд.

Гурӯҳи аз ҳама бузург, ё аз 12 то 13 ҳазор нафарро низомиёне ташкил медиҳанд, ки шаҳрвандии Амрикоро доранд. Шумораи шаҳрвандони Фаронса ва Русия низ қобили таваҷҷуҳ буда, аз 5 то 6 ҳазор нафар гуфта мешавад. Теъдоди шаҳрвандони Британиё, Олмон ва Украина бештар аз 1000 нафар будааст. Муаллифони гузориш гуфтаанд, ки як бахши ин сарбозони хориҷӣ дар артиши Исроил ба таври доимӣ хидмат мекунанд ва бахши дигар пас аз шиддат гирифтани муноқиша дар Навори Ғазза ба Исроил омадаанд.

Мақомоти кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон борҳо ба шаҳрвандони худ ҳушдор додаанд, ки дар ҷангҳои хориҷӣ ширкат накунанд, зеро барои ширкат дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ё ҷанг дар кишварҳои дигар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Аз нишастҳои матбуотӣ

Абдураҳмон Ҳалимзод, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Тоҷикистон иттилоъ дод, ки то 1-уми январи соли 2026 теъдоди умумии нафақагирон дар кишвар ба 877 ҳазору 206 нафар расидааст. Ба гуфтаи ӯ, аз ин 239 нафар аз 100-сола боло мебошанд.



Ҳалимзод таъкид кард, ки баландтарин синну соли миёни нафақагирон 113 сол аст. Ду нафар - яке аз шаҳри Бохтар ва дигаре аз ноҳияи Рӯдакӣ ба ин син расидаанд ва ба гуфтаи ӯ, ҳарду дар ҳолати хуби саломатӣ қарор дошта, мутаносибан 536 сомонӣ нафақа мегиранд. Фарзандони яке аз ин дарозумрон аллакай дар қайди ҳаёт нестанд ва нигоҳубини ӯро набераҳояш ба уҳда доранд.

Собиқ директори Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Исматулло Абдуллозода 94,3 миллион сомонии тасарруфшударо ба буҷети давлат баркарор кардааст, аммо 922,4 миллион сомонии дигар то ҳол бозпас гардонида нашудааст.



Дар ин бора директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон Сулаймон Султонзода зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод. Ба гуфтаи ӯ, дар доираи парвандаи марбут ба тасарруф ба миқдори махсусан калон нисбати 21 нафар парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст. Тафтишоти 20 парванда пурра анҷом ёфта, ба суд ирсол гардидааст. Сулаймон Султонзода изҳор дошт, ки тафтишоти парвандаи Абдуллозода идома дошта, он ба наздикӣ ба суд фиристода мешавад.

Соли 2025 дар вилояти Хатлон 71 нафар сокин ғарқ шудаанд, ки ин нишондиҳанда назар ба соли 2024, ки 27 ҳолат буд, ба таври назаррас афзудааст.



Ҷамшед Маҳмадзода, сардори Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани дар вилояти Хатлон сабаби асосии ғарқшавиро беназоратӣ ва бемасъулиятии волидон номид. Ӯ гуфт, ки ғарқшавӣ бештар ба оббозӣ дар ҷойҳои хавфнок, бемории рӯҳӣ ва истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ рабт дорад. Дар 17 ҳолат кӯдакони аз 2 то 3-сола ғарқ шудаанд, ки ба беназоратии падару модарон марбут аст. Ҳамчунин, ҷасади 7 нафари ғарқшуда то ҳол пайдо нашудааст.

Хайрулло Ҳайдаров:

АРТИШИ МИЛЛӢ ФАРЗАНДИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ АСТ!

23-юми феврал Рӯзи таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Артиши миллии Тоҷикистон дар замоне таъсис ёфт, ки кишвар дар ҳолати ҷанги шаҳрвандӣ ва буҳрони шадиди иқтисодӣ қарор дошт ва ояндаи ҷумҳурӣ зери суол рафта буд. Вале давоми беш аз се даҳсола Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ба кафили амнияту якпорчагии давлати соҳибистиқлоли мо табдил ёфт. Дар ин мавзуъ суҳбате доштем бо полковники мустаъфии Вазорати мудофиа Хайрулло Ҳайдаров.



- Шумо шоҳиди таъсиси Артиши миллии Тоҷикистон ҳастед. Бинобар ин, мехостам бигӯед, ки кишвари мо дар чӣ шароите соҳиби Артиши миллӣ шуд?

- Бунёдгузори Артиши миллии Тоҷикистон Президенти кишварамон, Сарфармондеҳи Қувваҳои мусаллаҳ Эмомалӣ Раҳмон ҳастанд. Бо қатъият метавонам бигӯям, ки Артиши миллии Тоҷикистон фарзанди Пешвои миллат аст. Зеро Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон дар замоне ташкил шуд, ки Ватани азизамон Тоҷикистон дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ, кашмакашҳои дохилӣ, зиддиятҳои мазҳабӣ ва талаву тороҷи моликияти давлатию шахсӣ қарор дошт.

Аз Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравӣ ба мо тоҷикистониён чизе мерос намонда буд. Афсарони рус, беларус, украин ва дигар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ, ки дар комиссариатҳои ҳарбии Тоҷикистон хизмат мекарданд, ба кишварҳои худашон рафтанд, аз техникаи ҳарбӣ ҳам чизе намонда буд.

Ҷанги бародаркуш, фирорӣ шудани беш аз як миллион аҳолии кишвар, зиёда аз 150 ҳазор ҳалокгардида, даҳҳо ҳазор хонаҳои истиқоматии тамоман харобшуда, беш аз 60 ҳазор кӯдакони ятиммонда... иқтисодиёти кишварро қариб 30 сол қафо партофт.

Дар чунин вазъият сарвари тозаинтихоби кишвар, Пешвои миллат тасмим гирифтанд, ки Артиши миллӣ таъсис ёбад, зеро бе мавҷудияти Артиш ва базаи мустаҳками моддиву техникии он таъмини суботу оромии мамлакат ғайриимкон аст.

- Шумо дар он давра ба чӣ кор машғул будед ва дар таъсиси Артиши миллӣ чӣ саҳм доред?

- Ман комиссари ҳарбии ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) будам ва шоҳиди иғвоҳои бадхоҳони миллати тоҷик ва оғози ҷанги шаҳрвандиву нерӯ гирифтани мухолифин будам. Вале ман бекор нанишастам. Дар ноҳияи Рӯдакӣ гурӯҳи мухофизон ташкил кардам. Дар ҳамон шабу рӯз дар ҷануби кишвар Ҷабҳаи халқӣ таъсис ёфт. Аз 700 нафар ихтиёриёни ба комиссариати ҳарбӣ муроҷиаткарда 478 нафарро интихоб карда, ба ҷабҳа дохил кардам. Яроқу аслиҳа доштем, захира карда будем...

10-уми ноябри соли 1993 мо - командирони Ҷабҳаи халқиро, ки беш аз 10 нафар будем, ба Ситоди Дивизияи 201-ум даъват карданд. Бо иштироки Пешвои миллат ва як гурӯҳ афсарон ҷаласа баргузор шуд. Саркори давлат маҷлисро ифтитоҳ намуда, аҳамияти таъсиси Қувваҳои мусаллаҳро барои Тоҷикистон шарҳ доданд ва эълон карданд, ки Тоҷикистон Артиши миллии худро барпо мекунад ва вазири мудофиаро муаррифӣ намуданд. Албатта буданд нафароне, ки дар чунин шароит ба таъсис ёфтани Артиш бовар надоштанд. Вале азми Пешвои миллат қатъӣ буд.

Ман аз маҷлисгоҳ баромада, рост ба Обигарм рафтам. Рӯзи 11-уми январ маркази ноҳияи Обигарм ва рӯзи 12-ум шаҳраки Роғунро, ки имрӯз яке аз минтақаҳои стратегии кишвар ба шумор меравад, аз гурӯҳҳои мусаллаҳ озод кардем... Пас аз ин, ман ба вазифаи хеш баргаштам.

Пасон аз Вазорати мудофиаи навтаъсис, моҳи марти соли 1993 супориш шуд, ки як баталиони тирандоз ташкил кунем. Бештар аз 300 нафарро даъват ва 171 нафарро интихоб кардем. Рӯйхат бояд дар архиви вазорат бошад.

Аввали соли 1994 маро сардори Раёсати сафарбарӣ ва ташкилии вазорат таъйин карданд. Вазифаи мо тартиб додан ва ташкил кардани сохтори Вазорати мудофиа, қисмҳои ҳарбӣ, сохтори комиссариатҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳо, таъсиси коллеҷи ҳарбӣ, госпитали ҳарбӣ ва ғайра буд, ки дар як муддати кӯтоҳ иҷро шуданд. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар таъсиси коллеҷи ҳарбӣ, ки имрӯз Донишкадаи олии ҳарбӣ аст, полковникҳо Болтаев Бобоҷон Абдуллоевич ва Бобоҷонов Содиқ Нурматович низ саҳми шоён доранд. Ҳамчунин аз колхозу совхозҳо ва корхонаю муассисаҳои ҳукумати ноҳияи Рӯдакӣ ва Шаҳринаву Турсунзода низ зиёд кумак карданд.

- Шумо солҳо сардори комиссариати ҳарбӣ будед ва яке аз вазифаҳои муҳими шумо даъват ба сафи артиш буд. Ин масъала имрӯзҳо низ доғ аст, гарчанде чун солҳои пеш "облава" нест. Барои рафъи ин камбудӣ чӣ бояд кард?

- Саъдии бузургвор мегӯянд:

Гар рост сухан гӯиву
дар банд бимонӣ,
Беҳ з-он, ки дурӯғат
диҳад аз банд раҳоӣ.

Яъне ин масъала бисёр печида аст. Гап дар сари он ки як муддат онҳое дар сохторҳои мудофиаи кишвар реша давониданд, ки одами ҳарбии вокеӣ набуданд, сода карда гӯем, ба низоми ҳарбӣ аз "ғайб" омада буданд. Бинобар ин, қонунҳои давлат, фармонҳои Пешвои миллат дар ҳаво монда буд. "Облава" ҳам реша дар ҳамин дорад. Ҳамин нафарон буданд, ки ҳатто нафақаи маро ҳам ғалат бозҳисобӣ карданд ва қариб 50 фоизи онро намедиҳанд. Гарчанде борҳо то суд муроҷиат кардам, ин масъаларо ҳал накарданд, зеро хатокориҳояшон ошкор мешуд. Шукр, ки дар чанд соли охир харбиҳои воқеӣ ҷойгузини "азғайбомадаҳо" шуданд, облава ҳам тамом шуд. Умедворам, ки дар оянда масъалаи нафақаи ман ҳам ҳали худро меёбад.

Комиссарити ҳарбӣ таҳкурсии Қувваҳои мусаллаҳ аст. Агар танҳо ва танҳо дар асоси қонун, қарорҳои ҳукумат ва фармонҳои роҳбари давлат кор шавад, ягон мушкил на дар даъват ва на дар давоми хизмат нахоҳад шуд. Мушикли "облава" ҳам нест мешаваду фасодкорӣ ҳам. Фақат пойбанди қонун будан лозим аст.

- Рафиқ полковник, айни замон чӣ рӯзгор доред?

- Соли 1996 маро ба Академияи ҳарбии Штаби генералии Русия фиристоданд. Академияро соли 1997 хатм карда, ба Ватан баргаштам ва бо фармони Пешвои миллат раиси зеркомиссияи ҳарбии Комиссияи оштии миллӣ таъйин шудам ва то поёни кори комиссия кор кардам. Моҳи июни соли 2000 маро вобастаи низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон таъйин карданд. Пас аз ду соли хизмат дар Эрон вазъи саломатиам мушкил пайдо кард ва ҳамин тавр баъди 30 соли хизмати тақвимӣ ва 40 соли хизмати ҳарбӣ ба нафақа баромадам. Ҳоло, ба қавле, давлати пирӣ меронам ва дар ҳалқаи фарзандону набераҳо ҳастам.

- Дар охир шуморо ба Рӯзи Артиши миллӣ табрик мегӯем.

- Ташаккур, ман ҳам ҳамаи хизматчиёни ҳарбиро табрик мегӯям ва ҳамчун як нафари собиқадор дар охир хоҳиш дорам, ки моддаи 43-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифаи муқаддаси худ шуморанд ва бо виҷдони пок кор кунанд.

Мусоҳиб:
С. БЕҲРӮЗ

Аз нишастҳои матбуотӣ

Соли 2025 дар Тоҷикистон 13 ҳазору 420 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор гардида, 10 ҳазору 66 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин бартараф карда шудааст.



Бино ба иттилои раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Тоҷикистон Ориф Хоҷазода, нозирони дастгоҳи марказии Кумитаи давлатӣ 107 ҳолат, кумитаҳои идораи замини вилояти Хатлон 5670 ҳолат, Суғд 4807 ҳолат, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 451 ҳолат ва кумитаҳои идораи замини шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2385 ҳолати вайронкунии қонунгузории заминро ошкор намудаанд.

Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки ба ҳолати 1-уми январи соли 2026 бақияи қарзи андозҳо дар ҷумҳурӣ 1 миллиарду 91,7 миллион сомониро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда нисбат ба аввали соли 2025 ба 351,5 миллион сомонӣ зиёд шудааст.



Ба гуфтаи ӯ, бо мақсади рӯёнидани қарзҳои андозӣ ва пешгирӣ аз афзоиши онҳо нисбат ба андозсупорандагони қарздор 16,5 ҳазор қарор оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи 1 миллиарду 914,3 миллион сомонӣ қабул гардидааст. Аз ҳисоби ин қарорҳо ва қарорҳои дар соли 2024 қабулшуда, дар маҷмуъ ба буҷети давлатӣ 2 миллиарду 16,4 миллион сомонӣ ворид карда шудааст.

Соли 2025 ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ 12 миллиарду 720,1 миллион сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 2 миллиарду 314,8 миллион сомонӣ зиёд мебошад.



Дар ин бора сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ба гуфтаи мавсуф, барои соли 2025 нақшаи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ 10 миллиарду 405,3 миллион сомонӣ пешбинӣ шуда буд, аммо иҷрои воқеӣ ба 122,3 фоиз баробар гардид. Ҳамзамон, ҳаҷми пардохтҳои гумрукӣ нисбат ба соли 2024-ум 2 миллиарду 968,5 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

АЗ КИТОБИ СЕНДИ ГАЛЛ «НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН»

МУЛОҚОТ БО МАСЪУД

(Идома аз шумораҳои гузашта)

Ман ва Найчел Райан (таҳиякунанда) дар бораи барномаамон суҳбат кардем; ва Найчел аз ман хоста буд то он чо ки мумкин аст, як тарҳи қавӣ ироа диҳам; муваффақияти ҳар иқдоме вобаста ба он буд ва мо дақиқ намедонистем то чӣ қадар дар бораи мо ба Масъуд тавзеҳ додаанд ва ӯ то чӣ андоза моро мешиносад. Аз он чое, ки намедонистем то чӣ қадар аз мо барои Масъуд гуфтаанд; ба суръат шуруъ ба ташреҳи чузъиёти тарҳ кардам. Ба забони фаронсавӣ гуфтам: «Фармондеҳ Масъуд, мо омадаем як филми мустанади яксоата дар бораи чабҳаи муқовимати Панҷшер алайҳи русҳо барои телевизиони Британиё таҳия кунем ва нақши шуморо ба унвони раҳбар дар он барҷаста созем». Бо каме ҳаячон изофа кардам: «Ин як филм бо буҷаи бузург аст. Сохти он се моҳ ба тӯл хоҳад анҷомид ва барои миллионҳо нафар дар Британиё - ва умедворем дар чаҳон - пахш хоҳад шуд». Дар воқеъ, мо мехостем ҳамроҳи муҷоҳидин бошем, аз онҳо филм бигирем ва мусоҳибаҳои тӯлонӣ ба забони форсӣ бо онҳо дошта бошем, то битавонанд ба роҳатӣ манзури қалбашонро баён кунанд ва вақте ба Лондон бозмегаштем, онҳоро тарҷума мекардем. Масъуд бо диққат ба ҳарфҳои ман гӯш медод, тамоми дархостҳои моро пазируфт, ба ҷуз аз ин ки ҳампои ӯ бо як гурӯҳи филмбардорӣ дар ин се моҳ ҳаракат кунем. Гуфт: “Ин кор шуданӣ нест ва ҳифзи ҷони шумо барои мо душвор хоҳад буд”. Ин ҷумлаи Масъуд гарди ноумедиро ба чашмони ман рехт, зеро қудрати як филми мустанад ба чараён доштан ва воқеӣ будани он аст. Масъуд ҳарфашро идома дод ва барномае пеши рӯи мо гузошт, ки эҳсос кардем, барномае, ки барои сохтанаш ба он чо рафта будем, амалӣ хоҳад шуд. Дар воқеъ мо тавонистем ӯро қонеъ кунем.

Дар идома таъкид кардам, ки мо дар фурсати ҳарчи зудтар мехоҳем корамонро шуруъ кунем ва овардани таҷҳизоти филмбардорӣ бисёр зарурӣ аст. Ба далели бомбаборон ва баста шудани роҳ натавониста будем таҷҳизотро бо худ то он чо биёрем. Дар камоли шигифтӣ Масъуд гуфт, ки қаблан дастури онро додааст. Масъуд дар бораи вазъияти низомӣ тавзеҳоте ба мо дод ва бояд бигӯям, ки ӯ як ироадиҳандаи дарачаи як буд ва бар хилофи аксари афғонҳо тақрибан ҳамеша дар таҳлилҳояш аз аъдод ва арқом истифода мекард. Гуфт: “Ҳудуди дувоздаҳ ҳазор сарбози рус ва афғон дар Руха, муҳимтарин деҳаи ин дара ва дар бист милии поёндасти рӯдхона мустақар ҳастанд”. Алорағми вучуди будани майдонҳои мина дар атрофи мавзеи онҳо, ӯ метавонист ба осонӣ онҳоро берун бикашад.

Масъуд барои он ки дақиқтар сухан бигӯяд, каме чобачо шуд ва гуфт: «Ба ман аз як манбаи бисёр муътамад дар Кобул хабар расидааст, ки русҳо зарфи як ҳафта ҳамлаи заминии муҳиберо оғоз хоҳанд кард».

Дар воқеъ, Масъуд манобеи иттилоотии бисёр хубе дар Вазорати дифои Афғонистон дар Кобул ва артиши Афғонистон дошт, ки ба ӯ ин имконро медод, ки ҳамеша як қадам пештар аз душман биистад. Аз замони ҳамлаи Шуравӣ ба Афғонистон дар соли 1979, русҳо панҷ амалиёти сангин алайҳи Панҷшер тартиб додаанд: ду маврид дар соли 1980, ду маврид дар соли 1981 ва яке дар соли 1982 бо номи «Панҷшери панҷум»; ҳамлаи нав «Панҷшери шашум» буд. Ба унвони як мустанадсоз бояд аз он ки дар миёнаи як чанги бузург қарор мегирифтам, завқзада мешудам, аммо дар айни ҳол бояд нигарони ҳамлаи нерӯҳои Шуравӣ мебудам ва худро муҳайёи он мекардам.

Масъуд идома дод: «Ба ҳамин далел мо бояд муҳимотамонро ҳифз кунем. Қасд надорем ба Руха (пойгоҳи нерӯҳои Шуравӣ) ҳамла кунем. Ба мо хабар расидааст, ки русҳо 1200 нафари дигарро ба унвони нерӯҳои пуштибон ба Руха хоҳанд фиристод. Нерӯҳои муҷоҳид дар наздикии Кобул ба мо паём додаанд, ки иҷозаи убури ин нерӯҳоро нахоҳанд дод. Нерӯҳои муҷоҳид дар Кобул ҳанӯз посухе надодаанд».

Бо худ гуфтам: “Оё ин хоста аз сӯи муҷоҳидини Кобул будааст?”. Аммо чизе напурсидам. Аз ӯ дар бораи нерӯҳои руси мустақар дар Руха пурсидам. Ӯ гуфт: «Мавқеи давлатҳо ҳамеша мушаххас аст. Онҳо маъданҳоро дар ихтиёр доранд, сипас нерӯҳои низомиро дар ихтиёр мегиранд ва бо такя ба нерӯҳои рус чилави фирори онҳоро мегиранд ва дар ниҳоят ба артиши Афғонистон иҷозаи чанг намедиҳанд”. Масъуд лабханде зад ва бо ҳамроҳонаш, ки ҳудуди бист нафар буданд, аз мо дур шуд ва то замоне ки хуршед дар кӯҳҳо камин накард ва вақти намоз фаро нарасид, пеши мо барнагашт. Патӯҳояшон - патӯҳои нозуке, ки афғонҳо ҳамеша рӯйи дӯшашон доранд - рӯйи замин паҳн карданд ва рӯйи замин дар ду хати мувозӣ, дар радифи гандумҳое, ки ба тозагӣ дарав шуда буданд, силоҳҳои худро канор гузоштанд ва рӯ ба Макка ба намоз истоданд. Онҳо намозро ба пешвоии муҷоҳиди чавони шабеҳи худашон ба содагӣ иқома карданд.

Дар дафтари хотиротам навиштам: “Онҳо тасвири чашмнавоз ва мутаҳаррикро эҷод карданд ва бо ҳамоҳангии аҷибе бо ҳам хам мешуданд ва бо ҳам сарро бар замин мегузоштанд. Кӯҳҳои бунафш пушти сарашон, ҳавои хунук, рӯдхонае, ки дар пасманзарашон ҷорӣ буд, ҳама дар канори ҳам ин тасвирро ба камол расониданд”. Ба ҷуз ду нафар, боқӣ ҳама мардони чавони бист то сисола буданд. Ҳочӣ Саъдуддин - марде бо синаи ситабр, ки тақрибан ҳамеша дӯшодӯши Масъуд бо кифе дар даст ҳаракат мекард. Баъдтар фаҳмидам ӯ сандуқдори гурӯҳ буд ва пулро ҳамл мекард. Дигарӣ марди тундхӯе ба номи Тоҷиддин, ки дар он замон ба назарам бисёр шабеҳи шахсияти анимейшини «Астерикс, сарзамини Гал» менамуд. Ӯ низ тақрибан ҳамеша канори Масъуд буд; дар оянда ва миёни тааҷҷуби ҳамагон падарзани Масъуд шуд.



Шомро дар хонаи бародарон боз ҳам рӯйи замин хӯрдем. Масъуд машғули хондан ва посух додан ба номаҳо буд ва зери нури лампа хутути чехраи ӯ бо возеҳии бештаре намудор мешуд. Андаке баъд, ӯ аз дигарон ва аз афғонҳое, ки ҳамеша гирди ӯ ҷамъ мешуданд, каме фосила гирифт ва бо яке аз мардон бо садои бисёр паст сухан гуфт. Намедонам Масъуд чӣ мегуфт, аммо метавонам ҳадс бизанам, ки дар бораи ҳамлаи пешорӯ баҳс мекарданд ва ба фармондеҳи маҳаллӣ - ҳамоне ки ман ҳадс мезадам - дастурҳояшро медод.

Саранҷом ӯ Пуйгро (Жан Хозе Пуйг - мутахассиси компютери фаронсавӣ ва аз таҳсинкунандагони Масъуд, ки тобистони гузашта бо ӯ ошно шуда буд) барои гуфтугӯи хусусӣ ба каноре кашид ва мо чашмонтизор истода будем ва хурдтарин чиз метавонист сарнавишти моро тағйир диҳад. Пуйг пас аз панҷ дақиқа, дар ҳоле ки патӯеро мисли сенаторҳои румӣ рӯйи худ андохта буд, назди мо омад ва гуфт: “Моро бо чип ба деҳаи Сангона хоҳанд бурд, чое ки дар он чо ҳаммоми гарм бигирем ва шабро бигузаронем”.

Пуйг идома дод: «Фардо ту, Сэнди, Найчел, Чарлз ва Том, ҳамчунин Тонӣ аз дара ба сӯи Ханҷ хоҳед рафт». Ӯ ва Жан-Филипп, пизишки довталаби гурӯҳи кумаки байналмилалӣ бояд дар дара бимонанд, то дар бораи дархости Масъуд барои имкони сохтани бемористон дар дараи Панҷшер суҳбат кунанд. Аз Пуйг хостам ба Масъуд ёдоварӣ кунад, ки мо дар фурсати ҳарчи зудтар ба таҷҳизоти филмбардории худ ниёз дорем. Ӯ ба ман итминон дод, ки дар ин бора бо Масъуд суҳбат хоҳад кард. Вай афзуд: “Нигарон набошед, Масъуд қаблан дастури интиқоли таҷҳизотро додааст”.


Ин чип як ғанимати чангӣ аз амалиёти «Панҷшери панҷум» буд; муҷоҳидон ду сарнишини онро ба зарби гулӯла куштанд ва онро мусодира карданд. Шишаи пеши чип як шикастагие ба шакли ситора дошт, ки дастнахӯрда боқӣ монда буд. Мо мачбур бо рӯшан кардани чип будем, вагарна бояд ба истиқболи чанге, ки чанд мил дуртар аз мо, дар поёндасти Панҷшер дар чараён буд, мерафтем ва дубора дил ба рӯдхона мезадем. Ҳангоми ворид шудан ба Сангона ҳама чо торик буд. Рӯзи баъд дидем, рустои бисёр зебо ва пӯшида аз дарахтон будааст, ки русҳо баъдтар бисёре аз онҳоро буриданд. Ман ва Найчел ба хонае даъват шудем, ки ду вижагии олӣ дошт: оби гарм барои шустушӯ ва дастшӯй. Барои шустушӯ бояд рӯи як сакуи гилӣ менишастем ва оби гармро бо як косаи қалъагӣ рӯи худ мерехтем. Аввалин ҳаммом пас аз ду ҳафта, ки ҳотелро тарк карда будем ва аввалин нишонаи зиндагии мудерн. Барои дастшӯй низ бояд болои як сӯрох дар кафи замин чамбата мезадем ва худро роҳат мекардем. Ба ёд меорам, замоне ки айнаки яке аз дӯстонам ба даруни он сӯрох афтод ва тасаввур кардем, ки ҳаммонанди ашёе, ки ба даруни пиряхҳо меафтанд, дигар онро нахоҳем дид, аммо айнакро бароямон ованданд ва ҳеч гоҳ нафаҳмидем, чӣ гуна!?

(Давом дорад)

ДАР СУРАТИ БА ДОМИ ҚАЛЛОБ АФТОДАН, ФАВРАН КОРТРО МАСДУД ВА БА МАРКАЗИ ТАМОСИ БОНК МУРОҶИАТ НАМОЕД!

ҚАЛЛОБИИ РАҚАМӢ

Чаро мардум ба дом меафтанд?



ДАР ДАҲСОЛИ ОХИР РУШДИ БОСУРЪАТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ТАРЗИ ЗИНДАГИИ ҶОМЕАРО КУЛЛАН ТАҒЙИР ДОД. ИМРӮЗ ПАРДОХТИ ХИЗМАТРАСОНИҲО, ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒ, ГИРИФТАНИ ҚАРЗ ВА ҲАТТО САРМОЯГУЗОРӢ ТАВАССУТИ ТЕЛЕФОН АНҶОМ ДОДА МЕШАВАД. АММО, БО ЧУНИН ПЕШРАФТ, ШАКЛИ НАВИ ҶИНОЯТКОРӢ, ЯЪНЕ ҚАЛЛОБИИ РАҚАМӢ НИЗ ЗИЁД ШУДААСТ. ҚАЛЛОБОН ДИГАР ТАНҲО БО ЗАНГҲОИ ТЕЛЕФОНӢ МАҲДУД НАМЕШАВАНД. ОНҲО АЗ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ, МЕССЕНҶЕРҲО, СОМОНАҲОИ СОХТА ВА ҲАТТО БАРНОМАҲОИ ҚАЛБАКӢ ИСТИФОДА МЕБАРАНД. ҲАДАФ ЯК АСТ - БА ДАСТ ОВАРДАНИ МАЪЛУМОТИ МАХФИИ ШАҲРВАНДОН ВА ТАСАРРУФИ МАБЛАҒ.

ФЕЙК ҲАМЧУН АБЗОРИ АСОСИИ ФИРЕБ

Яке аз шаклҳои маъмултарини қаллобӣ паҳн намудани эълонҳо ва видеоҳои бардурӯғ мебошад. Дар чунин роликҳо аз номи бонкҳо, шахсони мансабдор ё ширкатҳои маъруф пешниҳодҳои «сармоягузории кафолатнок» ё «кумакпулӣ» эълон карда мешаванд.

Мутахассиси соҳаи IT Шодрӯз Амондиллоев мегӯяд, қаллобон бештар кӯшиш мекунанд шаҳрвандро водор созанд, ки ба пайванд ворид шуда, маълумоти худро ворид намояд. Ҳадафи асосӣ гирифтани маълумоти корти бонкӣ ва рақами телефон аст. Ба гуфтаи ӯ, аксари чунин сомонаҳо танҳо нусхаи зоҳирии саҳифаҳои расмиро доранд, аммо сервер ва сохтори онҳо ба гурӯҳҳои қаллоб тааллуқ дорад.

«Қаллобон метавонанд ҳам дар хориҷ ва ҳам дар дохили кишвар фаъолият намоянд. Аксаран онҳо аз номи ширкатҳои дорои эътибор ё афроди шинохта истифода мебаранд, то сатҳи эътимоди мардумро боло баранд»,- изҳор дошт Шодрӯз Амондиллоев.

Бо назардошти ин ҳолат, бонкҳо ва ширкатҳо низ дар шабакаҳои иҷтимоӣ роликҳои огоҳкунанда пахш мекунанд. Онҳо мегӯянд, ки пеш аз қабул кардани ҳар гуна пешниҳоди молиявӣ, беҳтар аст ба маркази тамоси расмии бонк занг зада, дурустии онро санҷед.

ФИШИНГ ВА МАВҚЕИ МАҚОМОТИ РАСМӢ

Фишинг яке аз усулҳои паҳншудаи қаллобии рақамӣ мебошад. Фишинг термини интернетӣ буда, ҳадафи он ҷамъ овардани маълумоти молиявии шахсӣ аст. Масалан, паёмак меояд: «Ба ин пайванд дароед ва бурди худро гиред» ё «Барои тахфифи 90% инҷо клик кунед», «Қарз тасдиқ шуд», «Бурд гирифтед»... Дар асл, чунин пайвандҳо шуморо ба сомонаҳои сохта мебаранд. Пас аз ворид кардани маълумот, аз ҷумла рақами корт, муҳлати амал ва рамзи якдафъаина, қаллобон маблағро аз суратҳисоб мегиранд.

Бинобар ин, пайваста Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон шаҳрвандонро аз афзоиши қаллобии интернетӣ ҳушдор медиҳанд. Ба иттилои мақомоти дахлдор, сабаби асосии аксари ҳолатҳо беэҳтиётии худи мизоҷон мебошад.

«Кормандони ташкилотҳои қарзӣ ҳеҷ гоҳ CVV, PIN ё рамзи якдафъаинаро талаб намекунанд. Агар чунин дархост шавад, ин нишонаи қаллобист»,- таъкид мекунанд масъулони соҳа.

Инчунин, мақомот ҳушдор медиҳанд, ки бонкҳои расмӣ барои додани қарз пешпардохт талаб намекунанд. Агар аз шаҳрванд маблағ талаб шавад, ин эҳтимол фиреб аст.

6 ҚОИДАИ МУҲИМ БАРОИ ҲИФЗИ ХУД

Таҳлил нишон медиҳад, ки қаллобон бештар аз се омил истифода мебаранд: тарс, шитобкорӣ ва ҳаваси фоидаи зуд. Ибораҳое чун «Фавран!», «Танҳо имрӯз!» ё «Ҷои шумо охирин аст!» қобилияти таҳлили мантиқиро коҳиш медиҳанд. Илова бар ин, истифодаи номи чеҳраҳои маъруф ё логотипи ширкатҳои брендӣ сатҳи эътимоди шаҳрвандонро боло мебарад.

Мутахассисони соҳа барои пешгирӣ аз чунин ҳолатҳо рияяи қоидаҳои зеринро муҳим медонанд:

Якум, маълумоти махфиро ба касе надиҳед.

Дуюм, барномаҳоро танҳо аз манбаъҳои расмӣ истифода намоед.

Сеюм, хизматрасонии SMS-огоҳиро фаъол нигоҳ доред.

Чорум, амалиёти молиявиро мунтазам тафтиш кунед.

Панҷум, пароли мустаҳкам ва қулфи экранро истифода баред.

Шашум, ҳама гуна барномаҳоро танҳо аз App Store ё Play Market боргирӣ намоед.

Бино ба тавсияи мутахассисон, бисёре аз барномаҳои фиреб ё фейк метавонанд маълумоти шахсиро дуздида, телефонро вируснок созанд. Пеш аз насб кардан, ҳатман аз дӯстон ё шахсони боэътимод дар бораи барнома маълумот пурсед.

Қаллобон бо истифода аз пайвандҳои “ссилка”-ҳои шубҳанок кӯшиш мекунанд ба сомонаҳои сохтаашон шуморо ворид намоянд. Аксаран чунин пайвандҳо бо “http” оғоз мешаванд, на бо “https”. Ин нишонаи набудани амният аст. Ҳамчунин, пайвандҳое, ки рамзҳои нофаҳмо доранд ё тахфиф ва бурдҳои аз ҳад зиёд ваъда мекунанд, хатарноканд.

«Фарҳанги молиявии аҳолӣ бояд баланд бардошта шавад. Ҳушёрӣ беҳтарин сипари муҳофизат аст»,- мегӯяд мутахассиси бонк Шуҳрат Холиқов.

АГАР БА ДОМ АФТОДЕД...

Дар сурати ба доми қаллобон афтодан, бояд фавран кортро масдуд карда, ба маркази тамоси бонк мурочиат намоед. Ҳамчунин, телефонро аз вирус санҷидан зарур аст. Дар баъзе ҳолатҳо, агар мурочиат сари вақт сурат гирад, имкони бозгардонидани маблағ вуҷуд дорад.

Ҳамин тавр, қаллобии рақамӣ танҳо мушкили техникӣ нест, балки фарҳанги дуруст аз истифодаи технология мебошад. То замоне, ки корбарон маълумоти махфиро бе санҷиш пешниҳод мекунанд, хатари дуздӣ боқӣ мемонад. Ҳушёрӣ, санҷиши чандкарата ва истифодаи манбаъҳои расмӣ метавонанд моро аз зиёни молиявӣ эмин нигоҳ доранд. Аз ин лиҳоз, амният ва маърифати молиявӣ пеш аз ҳама аз худи ҳар яки мо вобаста аст.

Усмон РАҲИМЗОДА

Топ-10 маҳсулоти саноатии содиротии Тоҷикистон

бо млн доллар



Манбаъ: Оҷонсии содироти Тоҷикистон



АГАР...

Гуфтугӯйи Толибхон Шаҳидӣ бо падар

ДАР ИН ШУМОРА ПОРЧАЕ АЗ РОМАН - ЗИНДАГИНОМАИ «АГАР...» БА ТАБЪ МЕРАСАД, КИ БА ҚАЛАМИ ШАРИФ ҲАМДАМПУР ТААЛЛУҚ ДОРАД. ИН АСАР БА 80-СОЛАГИИ БАСТАКОРИ МАШҲУР ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ БАХШИДА ШУДААСТ. МО БОРИ АВВАЛ ПОРЧАҲО АЗ ОНРО БА ХОНАНДАГОНИ ГИРОМӢ ПЕШКАШ МЕНАМОЕМ.

Садои ором кушода шудани дарвоза посбонро бедор кард.

Ӯ сар бардошт ва аз тирезаи хурд ба берун нигарист.

Марди солдидаи лоғарандому сафедчеҳра оҳиста ворид шуд ва солор-солор ба тарафи чапи оромгоҳ роҳ пеш гирифт.

Одамоне, ки субҳ ба зиёрати мазори наздиконашон меомаданд, зиёд набуданд. Аммо ин мард ношинос буд, посбон ӯро бори аввал медид. Мӯйҳои сафедаш ранги гарди орди дар хамбаи осиёб мондаро доштанд. Қоматаш каме хамида, чеҳрааш хаста менамуд. Ором, ботамкин, бидуни шитоб қадам мегузошт, роҳравиаш гӯё зери савти «Муноҷот» сурат мегирифт.

Ӯ назди мазори Зиёдуллоҳ Шаҳидӣ истод. Лаҳзае аз ҳаракат бозмонд. Пас даричаи панҷарараро боз карда, ба дохил даромад. Аз кисааш рӯймолчае бароварда ва бо эҳтиёт санги мазорро пок кард. Баъд дар гӯшае қарор гирифт. Маълум набуд, ки дуо мехонад ё бо худ ҳарф мезанад.

Посбон дида аз тамошои ин манзара барканд ва офтобаи таҳораткуниро гирифта, ба берун баромад.

САМАРҚАНД – ШАҲРИ ХОТИРОТ

Салом падар,

ман омадам, писаратон Толибхон. Шояд дер омадам?...

Талош доштам, ки ҳарчи зудтар биёям, вале зиндагӣ мисли мавчи дарё маро аз соҳиле ба соҳиле мебурд. Консертҳо, мулоқотҳо, сафарҳо – ҳама гӯё ҳалқаҳое буданд, ки маро ба доми худ мекашиданд. Ҳар саҳна мисли гирдобе буд, ки раҳо шудан намегузошт.

Ман медонистам, ки дер ё зуд меоям ва лаҳзае дар назди мазори шумо нафас рост мекунам. Аммо ҳар дафъа, ки ба роҳ мебаромадам, даъвате, вохӯрие, консерте, суруде... маро бозмедошт. Мусиқӣ, ки пули рӯҳ аст, гоҳе миёни ману шумо девор мешуд.

Имрӯз, ҳамаро паси сар гузоштам ва назди шумо омадам. Омадам, то лаҳзае... бо шумо бошам, падарҷон...

Падарҷон, хаста шудам... на аз зиндагӣ, аз садоҳои беовоз, ҳарфҳое, ки бори маънӣ намекашанд. Аз кафкӯбиҳое, ки мисли борони сел меборанд, толорҳоро ба ларза меоранд ва дар хомӯшии баъдӣ беасар нопадид мешаванд. Аз мадҳияҳо, аз суханони тумтароқ, ки зебо садо медиҳанд, вале аз дили беимон берун меоянд. Ман медонам, ки ин ҳарфҳо чаро гуфта мешаванд: баъзе аз рӯи лутф, баъзе аз рӯи ниёз, баъзе барои ҳадафе, ки ба дил ҳеҷ иртибот надорад.

Аммо ман, ҳамон тавре ки шумо мехостед, даст ба кору дил ба ёр ҳастам. Ман ҳанӯз ҳамон писари хомӯши он рӯзҳоям, ки ба дасти шумо нигоҳ мекунам, ки чӣ гуна рубобро ба оромӣ менавохтед ва ҳар зарби тори он бароям панд мешуд.

Шумо гуфтед: «Ҳарф кам, кор зиёд». Ва ман то имрӯз он ду калимаро аз авроқи зиндагӣ пок накардаам. Онҳо нахустнавои симфонияи умри ман шуданд. Ҳар сафар, ҳар шаби бедорхобӣ, ҳар оҳанге, ки навиштам, идомаи ҳамон насиҳати шумост.

Имрӯз, дар назди шумо, мехоҳам бигӯям: ман кӯшидам, падар. На ҳама чиз мукаммал шуд, вале ҳама аз дил буд. Ҳар оҳангро бо ёди шумо навиштам, ҳар холигии фазоро бо нафаси шумо пур кардам. Ва агар зиндагӣ садо бошад, ман садои худро аз пандҳои шумо дарёфтам.

Ман омадам, бигӯям, ки заҳмат ихтиёр кардам, падар. Ҳама корҳоям шояд комил набуданд, вале аз дил буданд. Ҳар гоҳ, ки дар саҳна садои пианино зери ангуштонам чун оби рӯди Варзоб ҷорӣ мешуд, эҳсос мекардам, ки дар қатори оркестр рӯҳи шумо ҳам менавозад – ҳамон тавре ки дар кӯдакӣ, вақте аз пушти парда ба рубоби шумо гӯш медодам.

Ҳоло, ман ба шумо ҳисобот медиҳам, падар, ҳисоботи як писари ҳамеша қарздор. Умр кӯтоҳ будааст, падар... кӯтоҳтар аз нафаси як наво. Вақт мисли соати саҳна бетаваққуф, беинтизор пеш медавад. Ман ҳис мекунам, ки ҳар рӯзи нав такрори як зарби охирин аст, зарбе, ки садояш дар фазо мемонад, вале ичрокунандааш хомӯш мешавад.

Ҳоло ки назди шумо омадам, мехоҳам ҳамаи ин солҳоро ҷамъ кунам, на бо сухан, бо садо. Бо он садое, ки аз дили хаста мебарояд, на аз зери ангуштон. Вақт мисли метроном меравад, тика-тика, гӯё маросими гузашти замонро ичро мекунад, вале ҳар зарбаи он маро ба сӯи шумо меорад – наздиктару наздиктар...

Баъзан эҳсос мекунам, ки ин зарбҳо на танҳо вақт, балки набзи зиндагиро низ чен мекунанд. Ҳар зарб як ёд, як лаҳза, як нафас аз рӯзҳое, ки бо орзу ва меҳр пур буд. Ман бо ин зарбҳо зиндагӣ мекунам, мисли навозандае, ки медонад – ҳар оҳанг рӯзе хомӯш месӯхту лабонам табассум доштанд. Ҳамаи он солҳо садоҳои парокандае буданд, ки акнун, дар мазори ороми шумо ба як мусиқии воҳид табдил ёфтаанд...

Падар,

ёд доред насиҳатҳоятонро дар бораи пайванди наслҳо? Дар бораи он ки инсон бояд аз решаи аҷдодӣ канда нашавад? Шумо ҳамеша мегуфтед, ки ҳар инсон мисли дарахт аст: танааш метавонад бузург шавад, шохаҳояш ба ҳар самт хам ояранд, навдаҳояш ҳар сӯ алвонҷ хӯранд, аз ҳам дур бошанд, вале муҳим он аст, ки бо реша пайванд бошад, агар аз реша ҷудо шавад, хушк мегардад. Сипас, бо чашми умед ҷонибам нигариста, таъкид мекардед:

– Писарам, кулбаи аҷдодиро фаромӯш накун. Агар роҳ туро



Зиёдулло Шаҳидӣ бо падараш Муқаддасхон Шаҳидӣ

Бод шохаҳои мачнунбедро ба оҳанг медарорад. Ман онро мешунавам, гӯё торҳои рубоб аст, ки шумо менавозед. Ҳар нафаси бод, ҳар ларзиши барг мисли ангуштҳои шумо рӯи тор медаванд. Дилам меларзад, садо аз вуҷудам берун мезанад. Садои ёдҳо.

Дар дилам оҳанге бедор мешавад, оҳанге, ки гӯё тамоми умри маро ба ҳам овардааст: кӯдакии пур аз ҳайрат, ҷавонии пур аз шӯр, солҳое, ки дар саҳна дилам дур барад ҳам.

Ман дар оромгоҳ ба санги мазори шумо такя дорам. Шамоли сабук баргҳои чанорро алвонҷ медиҳад, гӯё бо овози паст ба ин дарахти баландқомат сирре мегӯяд. Ҳама чиз ором аст. Шумо хомӯшед.

Вале аҷиб он аст, ки маҳз дар ҳамин хомӯшӣ садои шуморо мешунавам.

– Падар,– мегӯям ниҳоят,– ман дар Самарқанд будам... дар

шаҳре, ки ҳамеша бо ёди он будед.

Гӯё суханам ба гӯшатон расид. Хомӯшӣ нашикаст, амиқтар гашт. Ман ҳис кардам, ки ҷавоб ҳаст, ҳатто агар ҳарфе гуфта нашавад.

Ба ёд овардам, ки пеш аз бозгашт, шаҳр чӣ гуна пеши назарам зинда мешуд: на танҳо бо кӯчаҳо ва деворҳои кӯҳнааш, балки бо садоҳояш – садои қадамҳо дар роҳравҳои сангфарш, садои об дар ҳавзҳое, ки бӯи ниёгон мекунад, садои гуфтугӯҳое, ки аз умқи асрҳо ба имрӯз расидаанд. Бо бӯйи нону хоку дарахтони умрхӯрда. Ва бо нафаси ором, вазнин, пур аз хотира, нафасе, ки чун оҳи сард аз дили пурдард берун меояд.

Ман фаҳмидам, падар: баъзе шаҳрҳо мисли одамонанд. Онҳо сухан намегӯянд, аммо агар гӯш диҳӣ, ҳама ҳарфҳои ҳанӯз ногуфтаро ба забон меоранд. Самарқанд ҳамон гуна буд, ки шумо тасвир мекардед. Ва шояд ман танҳо имрӯз, дар ин ҷо, дар канори шумо маънии суханҳоятонро пурра дарк кардам.

Самарқанд мисли китоби кӯҳан аст, падар. Ҳар сангаш катибае дорад. Ман аз Регистон гузаштам, аз ҳамон чорроҳае, ки аз чор гӯшаи ҷаҳон тоҷирон рафтуомад мекарданд. Дар он ҷо нақши пойи бобои Муқаддасхон, шумо ва бузургони ин шаҳри бостониро дидам. Гӯё қадаммонии шуморо мешунидам. Кӯчаҳои танг, деворҳои хиштин, дарҳои чӯбин – ҳама мисли пирони хирад ба ман менигаристанд. Онҳо ҳарф намезаданд, вале медонистанд, ки ман бегона нестам.

Ба маҳаллае расидам, ки бӯйи мева фазоро пур карда буд: ангур, шафтолу, олуболу, гӯё ҳанӯз ҳам одамон сабадҳо дар даст аз ин кӯча ба бозор мешитофтанд. Ба ёдам омад, ки шумо мегуфтед: «Мардум субҳ аз кӯчаи мо бо сабадҳои пурмева бозор мерафтанд, бегоҳ бо суруд бармегаштанд». Ман ҳамон сурудро шунидам, падар. На бо гӯш, бо дил.

Чойхонаро ҳам дидам. Албатта, он дигар ҳамон чойхонае набуд, ки шумо хастагию ташнагиатонро бо чойи сабз мешикастед. Вале сояашон боқӣ мондааст. Гӯё ҳанӯз ҳам катҳои болои об, кӯрпачаҳои рангоранг, самоварҳои мисин ҳастанд. Ман нишастам, чашмонамро пӯшидам ва ногаҳон садои дутор, суруди ҳофиз, нафаси мусиқӣ... ҳамааш зинда шуд.

Падар, ман фаҳмидам, ки Самарқанд танҳо шаҳр нест. Он хотира аст, садост, сукутест, ки дар он суруд зиндагӣ мекунад.

Ман Самарқандро аз нав дидам, падар. На он шаҳре, ки дар китобҳост ё дар аксҳо, балки ҳамон Самарқанде, ки шумо солҳои пеш дар суҳбатҳоятон тасвир мекардед. Он гоҳ ман гӯш мекардам, ҳоло мебинам.

Аз Регистон гузаштам. Субҳи барвақт буд. Ҳанӯз сайёҳон дар хиёбон нарехта буданд. Майдон ором буд, мисли саҳнае пеш аз оғози консерт. Ман истодам. Ба худ гуфтам: «Шояд падарам низ замоне ҳамин тавр истода буданд, ҷавон, бо нигоҳе пур аз савол». Дар он лаҳза фаҳмидам, ки баъзе чойҳо танҳо бо қадам не, бо эҳтиром бояд тай шаванд.

Кӯчаҳо маро ба худ ҷалб карданд: танг, деворҳои қадима, дарвозаҳои кандакории фарсуда. Ин ҳама касро водор месозад, ки оҳиста қадам гузорад, лаҳзае ёд аз ниёгон кунад. Ҳар дарвоза мисли хотира буд: баста, вале пурасрор; хомӯш, вале пур аз гуфтор.

Падар, фаҳмидам, ки Самарқанд шаҳр нест. Инсон аст. Пир аст, вале хотирааш қавист. Хомӯш аст, вале дар дил дардҳои зиёди гуфтанӣ дорад. Вақте аз кӯчаҳо мегузаштам, эҳсос мекардам, ки маро мешиносанд. Шумо маро ба ин шаҳр шинос карда будед.

Шом фаро расид. Ман аз баландии «Шоҳи зинда» ба шаҳр нигаристам. Самарқанд мисли чароғе медурахшид, равшан ва пурнур. Нуре, ки гӯё аз қаъри замин берун мезад.

Ман дар Самарқанд, дар он кӯчаи танг, ки шумо борҳо дар китобҳоятон тасвир кардаед, ин маъниро аз ҳар вақти дигар равшантар эҳсос намудам. Кӯча чунон танг буд, ки гӯё ду замон дар он ба ҳам наздик меомаданд: дирӯзу имрӯз. Ман оҳиста қадам мезадам, то хомӯшии онро нашиканам. Ҳар санги кӯча, ҳар дари чӯбин гӯё бо ман суҳбат мекарданд. Онҳо овоз надоштанд, аммо хотира доштанд. Гӯё мегуфтанд: «Мо ин ҷо будем, вақте ки бобои Муқаддасхонат савори асп пеш-пеши корвон барои тиҷорат ҷониби Русу Чину Ҳинд адрасу шоҳӣ мебурд. Мо ин ҷо будем, вақте ки падарат дар ҳамин ҳавлӣ ба дунё омад, вақте ки хандаи беғашаш хонаҳоро пур мекард. Мо шоҳиди омадану рафтани наслҳоем, шоҳиди онем, ки одамон мераванд, аммо роҳ боқӣ мемонад».

Ман истодам, даст ба девори хунук гузоштам ва ногаҳон ҳис кардам, ки ин девор танҳо аз хишт нест, аз хотира аст. Хиштҳое, ки бо дастони гузаштагонамон чида шудаанд, бо нафаси онҳо гарм гаштаанд ва хомӯшиашонро асрҳо нигоҳ доштаанд.



Дар ҳамон лаҳза фаҳмидам, ки реша танҳо ному насаб нест. Реша дар сангҳо, хиштҳо, дару деворҳост, ки шикасту рехт шудаанд, вале хотираҳоро раҳо накардаанд. Реша дар роҳҳоест, ки қадамҳои бешумор аз онҳо гузаштаанд; дар деворҳоест, ки шоҳиди ҳодисаҳо ва гуфторҳоест, ки дидаю шунидаанду вале хомӯш мондаанд.

Ман фаҳмидам, ки инсон танҳо ба гузашта тааллуқ надорад, ӯ дар назди гузашта масъул аст. Гузашта чун соя аз паси мо намеояд, он пешорӯи мо қарор дорад ва ҳар замон мепурсад:

– Чӣ ҳикмате аз рӯзгори ман бардоштӣ, ки ғалатҳоямро такрор накунӣ?

Дарҳо бо ҳалқаҳои оҳанини худ шоҳидони хомӯши таъриханд. Онҳо танҳо барои кушода шудан сохта нашудаанд, барои шунидан, огаҳӣ пайдо кардананд. Ҳалқаҳо, вақте ба ҳам бармехӯранд, на танҳо омадани меҳмонро хабар медиҳанд, балки ҳамчунин оҳанги замонро менавозанд: оҳанге сода, вале пур аз маъно.

Ҳар зарби ҳалқа ба дар маъние дошт. Ҳар тақ-тақ ишора буд, даъват буд, ё огоҳӣ. Бо ҳар тақтақ қиссае оғоз меёфт: тоҷире аз бозор бармегашт, хасташ пурбор, бо умеде, ки рӯзаш бенасиб нагузаштааст; ҳофизе ба маҳфиле меомад, оҳангашро ҳанӯз дар роҳ замзама мекард, то ки фаромӯш нашавад; кӯдаке ба дунё чашм мекушод ва аввалин гиряаш дар ҳамин ҳавлӣ бо дуо омехта мешуд.

Ҳамсояе ду ҳалқаро бо шитоб ба ҳам мезад, на барои меҳмонӣ, балки барои хушдор: хатар наздик аст, бедор бошед. Ва дарҳо инро мефаҳмиданд. Онҳо фарқ мекарданд миёни овози шодӣ ва изтироб, миёни пайғоми бахт ва хатар.

Ин дарҳо хотираҳоро нигоҳ медоштанд. Онҳо хандаҳоро шунидаанд, сукутҳоро ҳам. Ашкҳоро дидаанд, дуоҳоро ҳам. Ва ман мефаҳмам: то даме ки ҳалқае ба ҳалқае мезанад, таърих дар нафаси хонадон, дар садои бархӯрди одии оҳан бар чӯб зинда аст.

Ман дастамро аз девор накандам. Гӯё агар канда шавам, риштаи нонамоёне низ канда мешуда бошад.

Шумо мегуфтед, ки решаи мо на танҳо дар хоку дар, балки дар хотираҳост. Дар сурудҳое, ки Ҳофиз мехонданд, дар он бозоре, ки баззозон матоъ мебофанду мефурӯхтанд, дар он хандаву шӯхие, ки мардум бо худ аз бозор меоварданд.

Ман ин ҳамаро дидам, падар. Ва фаҳмидам, ки насиҳатҳои шумо холӣ аз ҳикмат набуданд. Онҳо як пули зинда буданд, ки дирӯзро бо имрӯз мепайвастанд. Шумо мегуфтед: «Кулбаи аҷдодӣ фақат як бино нест. Он хотираи аҷдодиро зинда нигоҳ медорад».

Имрӯз, вақте ман дар сари оромгоҳи шумо истодаам, ҳис мекунам, ки ин насиҳатҳо мисли чароғе дар дил равшанӣ меандозанд. Ман мефаҳмам, новобаста аз он ки мо ба куҷо мерасем, бояд бидонем, ки аз куҷо омадаем.

Ман ба хоки мазори шумо менигарам ва мехоҳам бигӯям:

– Падар, ташаккур. Ташаккур барои он ки ба ман фаҳмондед, ки реша чӣ қадар муҳим аст. Ман фаромӯш намекунам. Ва наберагонатон ҳам фаромӯш нахоҳанд кард.





Хонаи бастакор Шаҳидӣ. Ёдгории меъмории асрҳои XIX–XX

Падар,

ман аз Самарқанд рост ба хокбӯси шумо омадам. Ин ҷо, назди санге, ки дар он номи шумо ҳаккокӣ шудааст, вақт дигар хел мегузарад. Ҳар лаҳза мисли саҳифаи кӯҳнаи дафтар кушода мешавад.

Ман сари манзили шумо ба зону нишастаам, падар. Зонуҳоям сардии заминро эҳсос мекунанд. Дастонам ҳамчунин. Гӯё дар ин хомӯшӣ шуморо беҳтар мешунавам. Баргҳои чинор ҳанӯз бо ҳам пичиррос мезананд, мисли ду пирамарде, ки ором суҳбат доранд.

– Падар, ман омадам.

Аз Самарқанд. Аз зодгоҳатон. Аз ҳамон хоке, ки номи шуморо аввалин бор шунида, қадамҳои шуморо эҳсос кардааст.

Он ҷо бо набераҳоятон Ҳофизу Табрез, Фирдавс ва модарашон Гулсифат будам...

Онҳо шаҳрро на танҳо бо чашм, бо дил тамошо мекарданд. Дар ҳар кӯча, дар ҳар девори кӯҳна гӯё порае аз шуморо мечустанд.

Ва рӯзе бо ифтихор гуфтанд:

– Падар, хонаи бобои Муқаддасхонро ба рӯйхати ЮНЕСКО ворид карданд.

Лол мондам. На аз он ки ҳарфе барои гуфтан надоштам, балки он лаҳза сухан гуфтан зиёдатӣ буд. Фаҳмидам, ки он танҳо як қарор нест, танҳо як ном дар рӯйхат нест. Он эътирофи роҳи тӯлонист, роҳи хонае, ки на аз хишт, балки аз тақдир бино шудааст. Хонае, ки дар он садои мусиқиву овози мутрибон танин меандохт, дуо мехонданд, сухан вазн дошт. Хонае, ки аз як насл ба насли дигар сарпаноҳ буд.

Падар, ман он ҷо ҳис кардам, ки хонаҳо низ сарнавишт доранд. Баъзеашон фурӯ мерезанд, баъзеашон устувор мемонанд. Хонаи бобоямон чунин хона будааст: нигоҳбони хотира, шоҳиди зиндагӣ, пуле миёни гузашта ва имрӯз.

Ин сафари ман, падар, бозгашт буд. Бозгашт ба хотираҳо, ба суханҳои шумо, ки кам, вале пурмаъно буданд. Ба сукути шумо, ки беш аз ҳар панд буд.

Ман дар Самарқанд фаҳмидам, ки инсон метавонад дур равад, ҷаҳонро бинад, овозаш, оҳангаш аз толорҳои бузурги дунё садо диҳанд, аммо агар аз реша канда шавад, хонаи бетаҳқурсиро мемонад...

(Давом дорад)

ҶУДО

ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР TASHKENT GRAND SLAM



Дастаи мунтахаби ҷудои Тоҷикистон дар мусобиқаи байналмилалии бонуфузи Tashkent Grand Slam, ки аз 27-уми феврал то 1-уми март дар пойтахти Ӯзбекистон баргузор мешавад, ширкат хоҳад кард.

Мусобиқа дар майдони Ҳумо баргузор мешавад ва дар доираи мусобиқаи ҷаҳонии IJF ҷудокорони пешсафи ҷаҳонро гирд меорад. Тоҷикистонро дар куръакашии мардон ва занон майдони васеъ намояндагӣ хоҳад кард. Барои бисёре аз варзишгарон ин мусобиқа як қадами муҳим дар мубориза барои холҳои рейтингӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ дар давраи пурташвиши олимпӣ хоҳад буд.

Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар байни мардон Меҳрзод Сӯфиев, Муҳаммадсолеҳ Қувватов (60 кг), Нуралӣ Эмомалӣ, Обид Ҷебов (66 кг), Масъуди Аҳмадзод, Абдуллои Ориф (73 кг), Сомон Маҳмадбеков, Абубакр Боқиев (81 кг), Умар Расулов, Музамир Каримзода (90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (90 кг), Некбахтзода (+100 кг) ва дар байни занон Аҳлия Муъминова (48 кг), Мадина Қурбонзода (52 кг), Александра Кан (57 кг), Виктория Киселева (+78 кг) шомиланд.

Рақобат дар мусобиқоти бузурги Тошканд барои дзюдочиёни тоҷик дар муқобили рақобати пурқуввати байналмилалӣ як имтиҳони муҳим хоҳад буд.

Мусобиқаи Grand Slam маъмулан бо мақоми баланд ва ҷоизапулии худ маълум аст. Имсол фонди умумии ҷоиза 154 000 евроро ташкил медиҳад. Варзишгарон барои ғолибият 5000 евро, барои нуқра 3000 евро ва барои биринҷӣ 1500 евро мегиранд.

Илова бар медалҳо ва мукофотҳои молиявӣ, иштирокчиён барои холҳои муҳими рейтинги ҷаҳонӣ рақобат мекунанд: 1000 хол барои тило, 700 хол барои нуқра ва 500 хол барои биринҷӣ.

ҶОМИ РУШД

ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН БО ҲАМСОЛОНАШОН АЗ БЕЛАРУС ВА ҚАЗОҚИСТОН БОЗӢ МЕКУНАНД



Дастаи мунтахаби ҷавононӣ то 17-солаи Тоҷикистон барои ширкат дар мусобиқаи байналмилалии Ҷоми рушд-2026, ки аз 19 то 23-юми феврал дар Минск баргузор мешавад, ба Беларус сафар кард.

Дар ин мусобиқа ҳашт даста ширкат мекунанд. Дастаи мунтахаби ҷавононӣ то 17-солаи Тоҷикистон дар гурӯҳи "А" бо дастаҳои Беларус (19-уми феврал), Минск (20-уми феврал) ва Қазоқистон (21-уми феврал) бозӣ хоҳад кард. Дар гурӯҳи "Б" дастаҳои мунтахаби ҷавононӣ то 16-солаи Беларус, Русия, Ӯзбекистон ва Озарбойҷон ширкат хоҳанд кард.

Мувофиқи низомномаи мусобиқа, дастаҳо дар марҳилаи гурӯҳӣ дар шакли якдаврӣ бо ҳам як бозӣ анҷом медиҳанд. Ғолибони гурӯҳ ба финал роҳ меёбанд, дастаҳои ҷойи дуюм барои нишони биринҷӣ мубориза мебаранд. Бозиҳо барои ҷойҳои 5-6 ва 7-8 низ баргузор мешаванд.

Ҷадвали бозиҳои Ҷоми рушд-2026:

19-уми феврал: Минск U-17 - Қазоқистон U-17, Озарбойҷон U-17 - Русия U-17, Беларус U-16 - Ӯзбекистон U-17, Беларус U-17 Тоҷикистон U-17;

20-уми феврал: Минск U-17 - Тоҷикистон U-17, Озарбойҷон U-17 - Ӯзбекистон U-17, Беларус U-16 Русия U-17, Беларус U-17 - Қазоқистон U-17;

21-уми феврал: Қазоқистон U-17 - Тоҷикистон U-17, Русия U-17 - Ӯзбекистон U-17, Беларус U-16 - Озарбойҷон U-17, Беларус U-17 - Минск U-17;

23-юми феврал: Ҷойи чоруми гурӯҳи А - ҷойи чоруми гурӯҳи В, ҷойи сеюми гурӯҳи А - ҷойи сеюми гурӯҳи В, ҷойи дуюми гурӯҳи А - ҷойи дуюми гурӯҳи В, ғолиби гурӯҳи А - ғолиби гурӯҳи В.

КУШТӢ

ҒОЛИБОНИ ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН МАЪЛУМ ШУДАНД

Рӯзҳои 10 ва 11-уми феврал дар Душанбе Чемпионати куштии миллии Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он паҳлавонон аз вилоятҳои Суғду Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок карданд.

Мусобиқа дар 10 вазн (7 вазн байни мардон ва 3 вазн байни занон) баргузор шуд. Дар сабқати мардон дар вазни то 60 кило Рамзиддин Азизов дар финал ба Ҳақдод Гулов дастболо шуд. Сарвар Абдушукуров дар финали вазни то 65 кило бар Ёсин Бобокалонов ғалаба кард. Абдуллои Ориф дар финали вазни то 71 кило Шеравлиё Исоқовро шикаст дод. Маҳмадшариф Наҷмиддинов дар финали вазни то 78 кило Субҳиддин Халилзодаро мағлуб кард. Ҳақназар Назаров дар финали вазни то 86 кило бар Беҳрӯз Имомов ғолиб омад. Муҳаммадиқбол Тошов дар финали вазни то 95 кило Туйчибек Шариповро мағлуб намуд. Шарифҷон Назриев дар финали вазни беш аз 95 кило бар Хуршед Маҷидов дастболо шуд.

Байни духтарон дар финали вазни то 57 кило Аҳлия Муминова ғолиб омад. Вай дар финал Насиба Карликоваро шикаст дод. Ҷонона Назарова дар финали вазни то 63 кило Қурбонгул Ҳалимоваро мағлуб намуд. Шоҳида Қаландарова дар финали вазни то 70 кило бар Гулафзо Гулова ғолиб гардид.

Ба ғолибону ҷоизадорон дар ҳар вазн мувофиқи ҷойҳои соҳиб шудаашон диплому медалҳои тило, нуқра ва биринҷӣ тақдим гардиданд.

ФУТБОЛ

НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН БА ҶОПОН РАФТАНД

Дар доираи омодагиҳо ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 дастаи наврасони то 17-солаи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Далер Каёсов барои иштирок дар мусобиқаи байналмилалӣ ба шаҳри Хиросимаи Ҷопон сафар кард.



Мусобиқаи «Prayer for Peace; Hiroshima International Youth Soccer Games» аз 18 то 24-уми феврал баргузор мешавад. Тибқи муқаррарот иштирокчиён бо ҳамдигар дар як давра бозӣ мекунанд. Дар мусобиқа инчунин мунтахабҳои наврасони то 17-солаи Ҷопон, дастаи музофоти Хиросима (U-18) ва тими Академияи «Санфреччe Хиросима» (U-18) ширкат хоҳанд кард. Барои дастаи наврасони то 17-солаи Тоҷикистон иштирок дар ин мусобиқа як марҳилаи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 мебошад, ки дар Арабистони Саудӣ доир мегардад. Дар марҳилаи гурӯҳӣ наврасони мо дар гурӯҳи «А» бо мунтахабҳои Тайланд (5-уми май), Мянмар (9-уми май) ва Арабистони Саудӣ (12-уми май) рақобат хоҳанд кард.

РЕЗААХБОР



Собиқадори футболи тоҷик ва собиқ сармураббии тими миллии занонаи Тоҷикистон Сулаймон Бобокалонов дар синни 67-солагӣ аз дунё даргузашт. Ӯ дар дастаҳои «Помир»-и Душанбе, «Вахш»-и Кӯрғонтеппа, «Ситора» ва «Бофанда»-и Душанбе, «Шодмон»-и Ҳисор ва дигар дастаҳо бозӣ карда, дар ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар 4 бозӣ ширкат кардааст. Бобокалонов солҳои тӯлонӣ мураббии «Ласточка»-и Душанбе буд ва тими миллии занонаи Тоҷикистонро низ роҳбарӣ кардааст.

***

Дар Душанбе маросими ҷамъбасти мавсими футзал-2025 баргузор шуд, ки дар он аз Суперлигаи Тоҷикистон натиҷагирӣ гардида, беҳтарин бозигарон, мураббиён ва ғолибони ҷоизаҳои инфиродӣ муайян шуданд. Ҷоизаи асосии мавсим ба капитани дастаи «Сипар»-и Хуҷанд Иқбол Воситзода тақдим гардид, ки беҳтарин бозигари Суперлига-2025 дониста шуд. Унвони беҳтарин мураббиро Пайрав Воҳидов соҳиб шуд, ки таҳти роҳбарии ӯ «Соро компания» дар Суперлигаи Тоҷикистон ва Суперҷом ғолиб омад.

***

Клуби футболи «Истиқлол»-и Душанбе ҳайаташро бо се бозикун аз кишвари Хорватия пур кард. Инҳо нимҳимоятгари марказӣ Фране Чиряк, ҳимоятгари марказӣ Фране Икич ва муҳофизатгари канори чап Йосип Томашевич ҳастанд. «Хуҷанд»-и Хуҷанд чор бозигарро аз Сербистон овардааст. Инҳо ҳамлавари марказӣ Петар Гигич, ниммуҳофизатгари такягоҳӣ Никола Эшкич, ниммуҳофизатгари марказӣ Дарко Исоилович ва ҳамлавари канорӣ Йован Анҷелкович ҳастанд.

***

Бозиҳои марҳилаи нимниҳоии Ҷоми ФФТ-2026 ба анҷом расиданд. Дар натиҷа дастаҳои “Барқчӣ” ва “Ҳулбук” ба финали мусобиқа роҳ ёфтанд. Дар марҳилаи нимниҳоӣ “Барқчӣ” бо ҳисоби 2:0 “Ҳосилот”-ро шикаст дод. “Ҳулбук” ва “Панҷшер” дар вақти асосӣ бо ҳисоби мусовии 1:1 бозӣ карданд ва дар силсилазарбаҳои пеналтӣ дастаи ноҳияи Восеъ бо ҳисоби 6:5 ғалаба кард. Дар бозии финалӣ рӯзи 20-уми феврал “Барқчӣ” ва “Ҳулбук” ва дар бозӣ барои ҷойи сеюм “Ҳосилот” ва “Панҷшер” мубориза мебаранд.

IRS БОЗ ЯК ИМТИҲОНИ ҶИДДИРО САРБАЛАНДОНА ГУЗАШТ



Рӯзҳои охир пуршиддату давомдор боридани барф ва тамоюли афзоиш касб намудани тармафароӣ боиси ба мушкил мувоҷеҳ гардидани ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳҳои кишвар гардид. Чунин ҳолат бештар дар роҳи Душанбе - Чаноқ ба мушоҳида расида, дар ин масир давоми рӯзҳои охир 179 тармаи хурду бузург фаромад.

Тармафароӣ асосан аз километри 41 то 83-юми роҳи мазкур (ҳудуди ноҳияҳои Варзобу Айнӣ) рух дода, баландии аксар тармаҳо то 20 метр ва паҳноияшон зиёда аз 900 метр буд. Теъдоди тармаҳо то ҳадде зиёд буд, ки даҳҳо километр роҳ пурра зери тарма монд. Ба маҳали зикршуда зиёда аз 50 техникаву механизми филиали ширкат сафарбар шуда, бартарафсозии тармаҳо ҳатто шабона қатъ нагардид.

Чун шиддати боришот ва теъдоди тармаҳо дар ин масир собиқа надошт, ин ҳолат барои роҳбарият ва кормандони IRS шабеҳи боз як имтиҳони ҷиддӣ буд. Бо истинод ба корҳои анҷомёфта метавон гуфт, ки онҳо ин имтиҳонро низ чун ҳарвақта сарбаландона гузаштанд. Тавре шоҳидон дар шабакаҳои иҷтимоӣ навиштанд, сарфи назар аз мушкилоти зиёд, кормандони IRS фаъолияти худро шабонарӯзӣ ва ҳатто бо баҳои ҷони худ ба роҳ монда, тамоми кӯшишро ба харҷ доданд, ки ҳаракати муназзами воситаҳои нақлиёт таъмин бошаду мусофирону воситаҳои нақлиёти дар банди барф дармонда ба мавзеи бехавф интиқол ёбанд.

Маҳз ба шарофати меҳнати шабонарӯзии кормандони ширкати IRS, ки нигоҳдории роҳи мазкур ба зиммааш вогузор аст, дар муддати кӯтоҳ тармаҳо бартараф ва роҳ боз гардид. Муваққатан маҳдуд гардидани ҳаракати автомобилҳо дар масири зикршуда, пеш аз ҳама, ба таъмини бехатарии шаҳрвандон рабт дорад. Вагарна, ширкат ба ҳеҷ вақҳ ҳавасманди қатъ шудани гузариши воситаҳои нақлиёт тавассути ҷодаи мазкур нест.

Қобили зикр аст, ки рафъ намудани оқибатҳои офати табиӣ зери назорати ҷиддии роҳбарияти филиали ширкат қарор дошт.

Омили дигаре, ки месазад махсус таъкид кард, аз ҷониби кормандони IRS ба ронандагону мусофирон бетаъхир расонидани кумак барои интиқол ёфтанашон ба макони бехавф ва тақсим намудани хӯрок ба ронандагону мусофирон аз ҷониби филиали ширкат буд. Ин омил шаҳодати он аст, ки роҳбарияти ин ширкат ба арзишҳои инсонӣ таври шоиста арҷ мегузоранд.

Дар ин замина ҳамватанонамон, хоса онҳое, ки шоҳиди тадбирандешиҳо буданд ё ин равандро тавассути воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ мушоҳида карданд, бори дигар ба масъулиятшиносии роҳбарият ва кормандони филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутмаин гардиданд. Онҳо эътироф карданд, ки дар мукоиса ба дигар роҳҳои кишвар, вазъи роҳи Душанбе - Чаноқ хеле беҳтар буда, сарфи назар аз он ки аз минтақаи релефи душвори кӯҳистон мегузараду дар мавзеи аз офатҳои табиӣ зиёдтар осебпазир воқеъ мебошад, ҳаракати муназзаму бехатари воситаҳои нақлиёт тариқи он таъмин аст.

Қисми дигар эътироф карданд, ки мепиндоштем масъулини IRS вобаста ба боришот ва тармафароӣ ҳангомасозӣ мекунанд, вале воқеиятро бо чашми худ дидему ба даҳшат афтодем. Шаҳомату бардавомии тармафароӣ, аз ҷумла баландиву паҳноӣ ва ҳатто ба дохили галереяҳо роҳ ёфтани онҳоро бо сухан иброз намудан ғайриимкон аст. Дар ин вақт ягона умед чароғҳои равшани техникаҳои пуриқтидори Ширкат буд, ки ба маънои томаш ба дили ронандагону мусофирон шуълаи умед мекиштанд. Ин муболиға нест, дар нимашаб, замоне ки ҳама масти хобанд, кормандони IRS баҳри кушода будани роҳ шабзиндадор буданд. Чунин масъулиятшиносӣ буд, ки касе аз мусофирону ронандагон осеб надиданд, инчунин, ба ягон автомобил зарар нарасид.

Пас чаро мо аз филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдор набошем? Чаро масъулиятшиносиву шабзиндадориҳои онҳоро арҷгузорӣ накунем?

Нигоҳдории роҳ рисолату вазифаи онҳо аст, вале эътироф бояд кард, ки аз уҳдаи иҷрои вазифа на ҳар кас баромада метавонад. Аз ин нуқтаи назар, мо бояд ба меҳнати онҳо ба ҳеҷ вақҳ бетафовут набошем.

Бо назардошти мавқеи ҷойгиршавии роҳи Душанбе - Чаноқ бояд гуфт, ки нигоҳдории онро ба ҳеҷ вақҳ набояд кори осон пиндорем. Фаромӯш накардаем, ки то ба ихтиёри филиали ширкати зикршуда додани роҳи Душанбе - Чаноқ он ҳамасола 7 моҳ баста буд. Ронандагону мусофирон дар ин масир бо чӣ мушкилот мувоҷеҳ мешуданд, хуб дар хотир дорем.

Муҳим он аст, ки солҳои охир ба шарофати меҳнати пурмаҳсул ва масъулиятшиносии кормандони филиали ширкат, роҳ ба истиснои чанд рӯз, он ҳам дар мавсими тармафароӣ бо мақсади таъмини бехатарии шаҳрвандон, дигар умуман баста набуд.

Бинобар ин, шаҳрвандон бояд омилҳои зикршударо ба назар гиранд, ҳақиқатро эътироф намоянд ва ба заҳмати кормандони IRS арҷ гузоранд. Чунин амал моҳиятан тантанаи адолат хоҳад буд.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО





ДУ ДАСТОВАРДИ ЯК ТАБИБИ ТОҶИК ДАР КУВАЙТ

(Аввалаш дар саҳ. 2)

ПЛАТФОРМАИ ИХТИРОЪ ВА ИННОВАТСИЯ

Форуми ҷаҳонии ихтироъкорон (IIMFE) яке аз бузургтарин намоишгоҳҳои байналмилалӣ дар самти ихтироъ ва технология ба шумор рафта, ҳамчун платформаи муҳими муаррифии навгониҳо хизмат мекунад.

Ҳадафҳо ва мақсадҳои асосии он иборатанд аз:

- Намоиши ихтироот ва технологияҳои пешрафта аз тамоми ҷаҳон, ки дар он намояндагони даҳҳо кишвар ширкат меварзанд;

- Татбиқи идеяҳои нав ва ҳалли мушкилоти илмӣ-техникӣ, бо ҷалби мутахассисон аз соҳаҳои гуногун;

- Рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ байни ихтироъкорон, донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва сармоягузорон;

- Дастгирии ҷавонон ва донишҷӯён, фароҳам овардани имконият барои муаррифии иқтидори зеҳнӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ.

Маҳз дар чунин муҳити рақобатпазир ихтироъи табиби тоҷик сазовори баландтарин арзёбӣ гардид.

ХИЗМАТ БА ИНСОНИЯТ

Фаъолияти илмӣ ва ихтироъкории Шарифзода Суннатулло ба такмили усулҳои муосири ҷарроҳӣ, беҳтар намудани равандҳои ташхис ва муолиҷаи бемориҳои ҷарроҳӣ, инчунин баланд бардоштани сифати ёрии таъҷилии тиббӣ равона гардидааст. Ҳадафи асосии корҳои илмии ӯ ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ дар амалияи тиббӣ, коҳиш додани хавфҳои баъдиҷарроҳӣ ва мусоидат ба баркароршавии зудтари беморон мебошад.

Ин дастовард на танҳо натиҷаи меҳнати шахсӣ, балки намунаи равшани пайвастани илм бо амалия, дониш бо таҷриба ва масъулияти касбӣ бо ҳисси баланди ватандӯстӣ мебошад.

ПАРЧАМБАРДОРИ ТОҶИКИСТОН

Ғолибияти Шарифзода Суннатулло дар арсаи байналмилалӣ бозгӯи он аст, ки ҷавонони тоҷик бо такя ба дониш, заҳмати пайгирона ва иродаи қавӣ метавонанд Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар минбарҳои ҷаҳонӣ парафшон намоянд.

Ин пирӯзӣ намунаи олии ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва муаррифии шоистаи илми тоҷик дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Ҳар як медале, ки дар чунин чорабиниҳои бонуфуз ба даст меояд, рамзи эътирофи иқтидори зеҳнии миллат аст.

ДАСТГИРӢ

Муваффақияти мазкур дар заминаи сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти олии кишвар ҷиҳати дастгирии илм, ихтироъкорӣ ва ҷавонон амалӣ мегардад. Таваҷҷуҳи пайвастаи давлат ба рушди илму маориф, дастгирии ташаббусҳои ҷавонон ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир заминаи устувор барои чунин дастовардҳо фароҳам овардааст.

Ҳамзамон, саҳми Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати шаҳри Душанбе, роҳбарияти МД «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Душанбе» ва МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» дар ташаккул ва рушди фаъолияти илмии табиби ҷавон назаррас мебошад.

РОҲИ ИДОМАДОР

Қобили зикр аст, ки ин муваффақият аввалин дастоварди байналмилалии Шарифзода Суннатулло нест. Ӯ қаблан низ дар форуми байналмилалии «100 идея барои ИДМ», ки моҳи ноябри соли 2025 баргузор шуд, ба ҳайси ғолиб эътироф гардида буд.

Ин пайдарпайии дастовардҳо гувоҳи он аст, ки илму ихтироъкории тоҷик дар ҳоли рушд қарор дошта, ҷавонони кишвар дар сафи пеши ин раванд қарор доранд.

Ҷаҳонгиршоҳ РУСТАМШОҲ,
журналист



ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОИИ РАВҒАНИ ЗАРД

Равғани зард ё равғани ҳайвонот навъи равғане мебошад, ки онро аз таркиби равғани шири гов, гӯсфанд ва буз пас аз гарму гудохта кардан ба даст меоранд.

Муҳимтарин хусусияти равғани зард он аст, ки он масунияти баданро мустаҳкам намуда, эҳтимоли гирифтор шудан ба сироятҳои гуногуни вирусиро коҳиш медиҳад. Ҳамзамон он давои хуб барои рафъи сӯхтагӣ, доғ ва илтиҳоби пӯст мебошад.

Ҳангоми коркард ҳама моддаҳои зараровар дар равған ҳал мешаванд ва танҳо моддаҳои фоиданок боқӣ мемонанд. Ба гуфтаи мутахассисон, равған дорои витаминҳои B, инчунин A, E, D, PP мебошад. Ин маҳсулотро ба шир андохта, нӯшидан хуб аст. Ин нӯшокӣ роҳҳои нафасро мулоим намуда, барои рафъи сулфа кумак менамояд.

Равғани зард аз ҷиҳати хусусияти давоӣ аз маска қавитар мебошад. Агар онро бихӯранд ва гузошта банданд, варамҳоро хуб мекунад ва гиреҳҳои баданро мекушояд.

Ба гуфтаи мутахассисон, миқдори як бор хӯрдан аз равғани зард дар як рӯз то 50 грамм аст. Қуввати поксозандагӣ ва таҳлилдиҳандагӣ дар равғани зарди кӯҳна назар ба равғани нави он зиёдтар аст.

Агар ин равғанро ҳафт шаб пай дар пай ба рухсора молида бихобанд, пӯсти рӯйро пок, некӯ ва соф мегардонад, инчунин маскаро ҳам бо чунин усул бимоланд, ҳамин гуна фоида дорад.

Тавре мутахассисони соҳаи тиб иброз медоранд, онҳое, ки бо холестерини зиёд дар бадан мушкилӣ доранд, бояд донанд, ки равғани зард нисбат ба маска намунаи солимтар маҳсуб мешавад. Зеро дар равғани зард нисбат ба маска равғаннокӣ камтар аст, ба ин хотир он дар бадан хубтар ҳазм мешавад.

ПАРҲЕЗ АЗ ПУРХӮРӢ

Сирри солимӣ дар Рамазон

Саломатӣ ганҷи бебаҳост ва ҳар як инсон бояд ҳамеша барои солим мондан талош намояд. Ғизое, ки кас истеъмол мекунад, дар солимӣ ва қуввату нерӯи ӯ нақши муҳим мебозад. Аз ҳамин хотир, имрӯз мо дар бораи мавзуи хеле муҳим - дар Рамазон чӣ бояд хӯрд ва аз кадом ғизову нӯшокиҳо худдорӣ кардан лозим аст, маъмумот медиҳем.



ПУРХӮРӢ НАКУНЕД!

Албатта дили рӯзадор мехоҳад, ки дастархони ифтораш пур аз хӯрданиҳои бомазза бошад, вале пур кардани мизро бо ҳар хел хӯроку ширинихо ба шумо маслиҳат намедиҳем. Вақте ки одам рӯзи дароз гуруснаю ташна гашта, шомгоҳон якбора ба миқдори зиёд хӯрок мехӯрад, ҳазм кардани ғизо ба меъдааш душворӣ мекунад.

ГӮШТБИРЁНРО БАЪДИ РАМАЗОН ХӮРЕД!

Дар давраи Рамазон хӯрдани хӯрокҳои бирёнӣ ва серравған, махсусан равғани гов, гӯсфанд ва дигар ҳайвонот маслиҳат дода намешавад. Дилатон бисёр гӯшт мекашида бошад, бо гӯшти гов шӯрбо пазед ё котлети қиммагӣ тайёр кунед ва онро дар бӯғ пухта, рӯйи дастархон гузоред.

ШИРИНӢ БОИСИ ТАШНАГӢ МЕШАВАД!

Дар давраи Рамазон хӯрдани хӯрокҳои шӯр, тез, тунд ва ширин низ тавсия дода намешавад. Ғизоҳои тезу тунд сатҳи кислотаро дар ҷисми инсон баланд месозанд, хӯрданиҳои шӯр ва торту ширинихо бошанд, боиси ташна мондан мегарданд.

МЕВАЮ САБЗАВОТИ ТАРУ ТОЗА ХӮРЕД!

Кӯшиш кунед, ки дар моҳи шарифи Рамазон бештар меваю сабзавоти тару тоза истеъмол намоед ва ҷисми худро бо витаминҳо ва дигар моддаҳои муфид таъмин намуда, аз гирифтор гаштан ба ҳар гуна бемориҳо эмин бимонед.

“ФАСТФУД” ВА ХӮРОКҲОИ ХАМИРӢ НАХӮРЕД!

Дар моҳи шарифи Рамазон аз хӯрдани “Фастфуд” ва хӯрокҳои хамирӣ худдоррӣ намудан беҳтар аст. Моҳибирёнро низ тавсия намедиҳем, зеро моҳии шӯр хӯрда, шумо рӯзона сахт ташна мемонед.

ОБҲОИ ГАЗНОКРО ФАРОМӮШ КУНЕД!

Дар давраи Рамазон нӯшидани оби тоза, чой ва компот аз хушкмеваҳо муфид мебошад. Тавонед, гиёҳчой нӯшед. Шарбати навҷабидаи мева низ фоиданок аст. Нӯшидани обҳои газнок ва қаҳваро ба шумо тавсия намедиҳем.

РӮЗОНА КАМЕ ХОБ КУНЕД!

Азбаски мардуми мусалмон соатҳои 3-4-и шаб барои саҳархӯрӣ мехезанд, аз хоб сер намешаванд. Барои барқарор намудани қуввату нерӯи ҷисмонии худ, агар имкон бошад, рӯзона байни соатҳои 13-16 ақаллан 30-40 дақиқа хоб равед. Боқӣ саломат бошед!

Толеънома

Ҳамал
21.03 - 20.04

Ин ҳафта натиҷаи заҳмати пешинаатонро мебинед. Коре, ки оғоз кардед, тадриҷан ба самар мерасад ва рӯҳбаландатон мекунад. Дар муносибатҳо фикри худро ошкоро гӯед, вале бо эҳтиром ва нармӣ. Сухани рост, агар бо лаҳни хуб гуфта шавад, мушкил намеорад.

Савр
21.04 - 21.05

Ин рӯзҳо оромӣ ва сабр барои шумо муҳим аст. Кӯшиш кунед, ки масъалаҳои ҷиддиро аз ташвишҳои майда ҷудо намоед. Дар оила танҳо дастгирӣ ва гӯш кардан кофист. Дар кор пеш аз хулоса баровардан маълумотро санҷед.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ин ҳафта бояд байни хоҳиши худ ва талаботи дигарон тавозун пайдо кунед. Дар кор чанд вазифа ҳамзамон пайдо мешаванд, бинобар ин, нақша тартиб диҳед. Аввал корҳои муҳимро анҷом диҳед. Ба саломатӣ аҳамият дода, бештар дар ҳавои тоза сайр кунед.

Саратон
22.06 - 23.07

Ин рӯзҳо бештар ба хона ва наздикон диққат медиҳед. Иваз кардани тартиби одӣ метавонад зиндагиро осонтар кунад. Ҳамкорӣ бо одамони гуногунандеша ба шумо таҷрибаи нав медиҳад. Фикри худро пинҳон надоред, бо мулоимӣ баён кунед.

Асад
23.07 - 22.08

Ин ҳафта аввал корҳои муҳимро ичро кунед ва баъд ба корҳои дуюмдараҷа гузаред. Дар муносибатҳо каме озодӣ додан ба шахси дӯстдошта бовариро зиёд мекунад. Дар кор натиҷаҳоро аз назар гузаронед ва хатоҳои хурдро ислоҳ намоед.

Сунбула
23.08 - 22.09

Шумо мехоҳед атрофатон ором ва бароҳат бошад. Дар муносибатҳо амалҳои хурди ғамхорона бештар аз сухан таъсир мекунанд. Дар кор сабр кунед, натиҷа дер намепояд. Аз шитобкорӣ худдорӣ намоед. Ба дастҳо ва миён ҳангоми кори зиёд истироҳат диҳед.

Мизон
25.09 - 22.10

Ин ҳафта бояд вақтро дуруст интихоб карда тавонед. Агар масъалаи ҷиддие доред, онро дар лаҳзаи ором баррасӣ кунед. Дар касбу кор ба рақамҳо диққати зиёд диҳед. Як иштибоҳи хурд метавонад вақти шуморо гирад. Ба чашмҳо ва истироҳати худ аҳамият диҳед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Ин рӯзҳо бештар ба корҳои хона ва зиндагии шахсӣ машғул мешавед. Ҳузури оромонаи шумо барои наздикон муҳим аст. Дар кор кӯтоҳу равшан сухан гӯед, то нофаҳмӣ пеш наояд. Ба хоби бароҳат аҳамият диҳед, то худро беҳтар ҳис кунед.

Қавс
25.11 - 21.12

Ин ҳафта пеш аз қарор қабул кардан хуб андеша намоед. Дар муносибатҳо оромӣ ва фаҳмиш муҳим аст. Дар касбу кор эҳсосотро канор гузошта, бо далелҳо амал кунед. Ба саломатӣ диққат дода, бештар об нӯшед. Вазъи молӣ хуб аст, агар хароҷотро назорат кунед.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ин давра бештар ба корҳои амалӣ ва беҳбудии шахсӣ равона мешавад. Дар муносибатҳо таваҷҷуҳи сода ва самимӣ бовариро зиёд мекунад. Дар кор қоидаҳоро риоя намоед, то мушкил пеш наояд. Ба китфу гардан ҳангоми кори зиёд истироҳат диҳед.

Далв
21.01 - 19.02

Ин ҳафта ба ҷузъиёти майда аҳамият диҳед. Дар муносибатҳо ба амалҳои шахси наздик бештар таваҷҷуҳ кунед, на танҳо ба суханҳояш. Дар ҷои кор ҳама гуна маълумотро санҷед. Хоби барвақт ба шумо нерӯ мебахшад. Эҳсоси ниёз ба танҳоӣ ва оромӣ зиёд мешавад.

Ҳут
20.02 - 20.03

Ин рӯзҳо боандеша бошед, то корҳоятон пеш раванд. Дар муносибатҳо ғамхорӣ ва кумаки одӣ аз ҳар сухани зебо муҳимтар аст. Дар кор қоидаҳоро риоя кунед, то нофаҳмӣ пеш наояд. Ба хоби хуб ва истироҳати кофӣ аҳамият диҳед.

Лоиқ Шералӣ:

СИЁСАТ АЗ ГИРЕБОН МЕГИРАД...

(Идома аз шумораи гузашта)



САВОЛ: Шумо ба шеърхоятон монанд ё не?

ЛОИҚ: Ба як қисмате аз шеърҳоям ман монанд ҳастам. Ва ба як қисмати шеърҳо, ки нимадурӯғ ҳастанд ва бофта ҳастанд ва ба тақозои ин ё он ҳолати зиндагӣ гуфта шудаанд, ман монанд нестам. Ва дар он, албатта, як пораи ман ҳаст, як пораи эҳсосу тафаккури андешаҳои ман ҳаст, шеърҳое, ки ҷабҳаҳои ирфонӣ доранд, риндию ошиқӣ доранд, як зарра ба онҳо монандам.

САВОЛ: Худро ба сиёсат марбут медонед ё не?

ЛОИҚ: Ман хаёл мекунам, ки одам дар замони худаш, дар як пораи муайяни вақт зиндагӣ карда наметавонад, ки аз ӯ берун бошад. Хоҳед нахоҳед, аз бари домонатон ё аз гиребонатон сиёсат гоҳ-гоҳ мегирад. Лек дар ҳар маврид ман хаёл мекунам, ки комилан ба сиёсат гирифтор шудани шоир хуб нест.

«Сияҳ бодо сияҳ рӯи сиёсат,
Ки чандин бор рӯямро сияҳ кард».

Чанд бор, ман гоҳ-гоҳ хостам коре карда бошам, хоҳ нохоҳ ба сарам санги маломат омад, ё ки аз ин соҳил ё ун соҳил, ба ман сангандозиҳо шуд. Ва гоҳо дар майдонҳо маро маломат кардаанд, ки дар майдонҳо иштирок накардам, ман агар иштирок накарда бошам ҳам, бо раванди демократии имрӯза ва ҳақиқат ва адолат ҳамеша ҳампо ҳастам ва ҳамсанг ҳастам. Бигзор ман дар майдон набудам, аммо бо шеърам, бо мақолаҳоям назари худро гуфтаам.

САВОЛ: Маҳмудҷони Воҳид ҳам дар вақташ курбони дасисабозии роҳбарон гашта буд, ки мебинам расми калонаш дар утоқи шумост, қатори расми модаратон ва фарзандонатон. Вобаста ба ин агар ба бист - сӣ соли охир нигарем, се сутуни наврӯиди маданияти тоҷикро мебинем, ки яке ҳамин Маҳмуди Воҳид буд, дигар Маликаи Собир ва сеюмӣ шумо. Малика низ мисли Воҳид барвақт аз олам рафт. Ва гуфтани розҳои онҳо, бардоштани корҳои онҳо мегӯянд, ки ба дӯши шумо монд. Магар бардоштани ин ва гуфтани инҳо бароятон душвор нест. Ҳарчанд дар шеъре бахри Маҳмуд Воҳид гуфтаед, ки «Агар лаб-лаби дарё равӣ, ба уқёнус мерасӣ, эй дӯст», вале ба уқёнус бурдани ин борҳо сахт гарон нест? Оё шумо зери ин бори вазнин худатонро пуразоб ҳис намекунед? Боз оё бе ин ду шаҳсутуни санъат, ки дигар дар паҳлуятон нестанд, худатонро танҳои танҳо ҳис намекунед?

ЛОИҚ: (Баъди тааммулу хомӯшӣ) Малика ва Маҳмудҷон - инҳо ду ситораи тобоне буданд дар осмони умри мо, ки новақт канда шуданд. Аммо партави ҳунари онҳо то ҳанӯз дар фазои умри мо ҳаст. Ва он шарҳе, ки дар васфи Маҳмудҷони Воҳид ҳаст, ин аст, он намоишномаи «Гуфтугӯ бо худ» аст аз рӯи рубоиёти Умари Хайём, ки Маҳмудҷон шамъ дар даст дорад. Он шамъ дар зиндагӣ ҳанӯз фурӯзон аст. Ҳунари Маҳмудҷон ва Малика намиранда аст. Аммо ҳамон вақтҳо ман гуфта будам, ки «Чу як ҳамсоли ман мирад, гаронтар мешавад борам». Воқеан ин бор фақат ба дӯши ман не - чуноне ки шумо гуфтед, ба дӯши насли мо ва наслҳои оянда вогузор шудааст. Чуноне ки роҳи онҳоро мо давом мекунем: руҳи инҳоро бояд шод бикунем, ҳар кас ба андозаи ҳунараш, на хизматаш ин корро бояд бикунад. Ва ман чуноне, ки як байте ҳаст:

«Гар худованди ман ин аст,
ки ман медонам,
Шишаро дар бағали
санг нигаҳ медорад».

Агар ман ба лутфи таолоҳ зинда монам, руҳи онҳоро шод кунем ва роҳи онҳоро давом диҳем.

САВОЛ: Шумо гуфтед, ки бардоштани борҳо дар дӯши шумо, ҳамчунин дигарон ва аз ин дигарон ба кӣ умед карда метавонед? Ва хоса киҳо як гӯшаи бори шеъри мо, бори назми моро бардошта метавонанд?

ЛОИҚ: Хуб, ман оид ба касоне арз мекунам, ки аз ман ҷавонтар ҳастанд. Ман хаёл мекунам, ки онҳо Гулрухсор, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Гулназар, Низом Қосим, Фарзона ва Сиёвуш. Он касоне, ки ман эътиқод дорам ва умед дорам, ки хизматҳое алакай кардаанд ва дар оянда ҳам ба чашмам мерасад, ки аз инҳо адабиёт, иншоолоҳ, самараҳои зиёде хоҳад гирифт.

САВОЛ: Шумо дар бораи касоне ҳарф задед, ки бо як миқдоре бевосита, ба дигаронаш маънаван ҳақи устодӣ доред. Вале бигӯед, ки худ устод доштед ва устодатон кист?

ЛОИҚ: Устодони ҳамнафас Боқӣ Раҳимзода, Мирзо Турсунзода ва Муъмин Қаноат ҳастанд. Устод Турсунзода шеърҳои маро мехонданд, устод Боқӣ ҳам мехонданд, вале он резакороне, ки дар ҳунари шоирӣ ҳаст, вазн калимабандӣ ё дар ҷояш набудани сухан, ҳамаро Муъмин Қаноат барои ман омӯхта буд, ки миннатдор ҳастам. Ва дигарон ҳам бисёр кумак мекарда, ки шарт нест ҳамаи онҳоро устод гӯям, аммо ҳамчун инсон, ҳамчун як афроде, ки дар муҳити адабӣ ҳастанду буданд - Пӯлод Толис, Убайд Рачаб ва дигар дӯстоне, ки ҳамеша кумак мекарданд, ҳамчун инсон, ҳамчун мураббӣ, ҳамчун як бародар, ҳам дар зиндагии воқеӣ, ҳам дар олами ҳунар, ҳам дар шеър.

САВОЛ: Ин ҷо шумо барои Турсунзода (равонаш шод бод!) ёдовар шудед самимона. Ва дар ҷойе хонда будам: даме шумо сисола будед, устод дар базме гуфтанд, ки шастсолагии шуморо бояд он рӯз ҳатмӣ қайд бикунанд.

ЛОИҚ: Соли ҳафтоду як буд, устод шастсолагиашонро дар Ҳисор, дар Шаҳринав, дар Қаратоғ ҷашн гирифтанд ва аз ҳамон нишебе, ки колхози «Ватан» шуруъ мешавад, то маркази Ҳисор дар зери пойи устод гулборон буд. Мо аз пасашон мерафтем ва баъд расидем ба Қаратоғ. Дар он ҷо базми оличанобе бо ҳама созу барги айш омода шуд ва ман бо Қаноат ва дигар дӯстон нишаста будам, гуфтам: Устод, намедонам, ки ман ҳам шастсола мешавам ё не, ҳамин шаб ҷашни маро ҳам гузаронем - ҳарчанд миёни синну соли мо сӣ сол тафриқа ҳаст, гуфтанд, ки тасаввур кун, ҳамин шаб шастсолагии ту ҳаст.

САВОЛ: Яъне устод шуморо баробари худашон гузоштанд?

ЛОИҚ: Бале, устод ҳамин тур ҳимматҳои баланд доштанд.

САВОЛ: Мегӯянд, ки мардони абарқудрат душманони зиёд доранду дӯстон кам. Албатта, ман дар назар дорам аз миёни ҳамсолон (зеро худ зиндагӣ як размгоҳест). Ҳамсоле, ки дастгираш бошад, ҳамдилаш бошад, ки дарҳои дилро маҳз ба вай ифшо кардан мумкин бошад.

ЛОИҚ: Шукри Худо дӯст ҳам дорам, нотавонбинҳои зиёд ҳам доштам ва дорам. Аз дӯстон на ҳамаро ном бурда метавонам ин ҷо. Ва дӯсти чӣ хел ки дар урфият мегӯянд, ҷамолакии ман, Сорбон аст. Нависандаи номии мо. Вақте ки мо ба Омӯзишгоҳи педагогӣ соли 1954 омада будем, ӯ дар танаш як ҷомаи бекасаби рах-рах дошт. Ҷомаи одии падарамро модарам аз сандуқ гирифт, ҷомаи атлас, ки як сӣ сол гузашта буд, ё бист сол, дар сандуқ буд, баровард аз нав бурид ва ба қомати ман чен карда дӯхт. Ва онро пӯшида, ба Омӯзишгоҳи педагогӣ омадам ва муаллимҳо, ки номҳои моро намедонистанд, маро мегуфтанд, ки «Атлас, бихез, ҷавоб бидеҳ!». Сорбонро мегуфтанд, ки «Бекасаб, хез!». Ва аз ҳамон рӯз то имрӯз мо дӯст ҳастем, бародар ҳастем ва бародарҳои қиёматӣ ҳастем. Ва аз ҳама хусусияти барҷастаи Сорбон аст, ки пурсабру пурбардошту пуртаҳаммул аст ва халқӣ карда гӯям, нози маро дар тӯли ин қадар сол бардоштааст дар пастӣ ва баландиҳои зиндагӣ ҳамчун инсон ва ҳамчун адиб ва ҳамчун касе, ки бисёр мушкилиҳои зиндагиро аз ман пештар ва ҳассостар ва дақиқтар мебинад ва оқибатандешӣ дорад. Ва ҳар вақт маро огоҳ мекунад, ки агар фалон кора кунӣ, оқибаташ ин хоҳад буд. Ва ё бо фалон кас ошноӣ пайдо кардӣ, вай чандон одами хуб аст ё хуб нест. Инро низ барои ман таъкид мекунад. Ва шукри Худо, то имрӯз бо ӯ бародар ҳастем, дӯст ҳастем ва шояд ин баъзе гуфтаҳои ман дар филме ки оид ба Сорбон аст, гуфта бошам. Зеро ин нуктаро ман дар ҳама ҷо мегӯям...

Таҳияи Саидмуроди ХОҶАЗОД

МАВЛУДНОМА

19 ФЕВРАЛ

Вячеслав Обносов (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Носир Саидов (1966), 60-солагии зодрӯзи коргардони кино.

Мунаввархон Тоҳирова (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

20 ФЕВРАЛ

Рустамхон Асламхонов (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Саидамир Зуҳуров (1951), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, генерал-полковник.

Муқаддас Маҳмудов (1926-1989), 100-солагии зодрӯзи коргардони кино.

Леонид Пашенко (1936-1996), 90-солагии зодрӯзи шоир, мутарҷим.

Абдуҷалол Ҷалолов (1951), 75-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Шукурбой Ҷумъаев (1946), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

21 ФЕВРАЛ

Валентина Елфимова (1926-1999), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Бахтиёр Умаров (1941), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика.

22 ФЕВРАЛ

Исмоил Назриев (1951), 75-солагии зодрӯзи сароянда.

Саодат Умарова (1936-2008), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

23 ФЕВРАЛ

Шароф Маҳмудов (1931-2020), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Акбар Маҷид (1966), 60-солагии зодрӯзи шоир.

Пирӣ Ҳусайнов (1946), 80-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Фотима Салимова (1946), 80-солагии омӯзгори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

24 ФЕВРАЛ

Хушвақтшо Давронов (1946), 80-солагии зодрӯзи муаррих.

Ҳасан Қушмуродов (1911-1979), 115-солагии зодрӯзи арбоби хоҷагӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Валентина Соколова (1916-1988), 120-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, муҳаққиқи забонҳои эронӣ.

25 ФЕВРАЛ

Санавбарбону Воҳидова (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

Раҳимбой Раҳматов (1906-1982), 120-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

Евгений Коровин (1891-1963), 135-солагии зодрӯзи ботаники рус, мураттиби харитаи геоботаникии Тоҷикистон.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

...

МЕФУРӮШАМ

🡺 1-ҳуҷрагӣ, қабати 1, к. С. Шерозӣ 15, 410 000 сомонӣ, савдо мешавад. Тел.: 918-20-67-55, 93-151-77-00

🡺 1-ҳуҷрагӣ, 67 м.м., қабати 4, собиқ бозори "Ҷал Ҷам", 610 000 сомонӣ, савдо мешавад. Тел.: 918-20-67-55, 93-151-77-00

Фавран! 3-ҳуҷрагӣ, 48 м.м., қабати 1, бинои 3-ошёнаи хиштин, дорои 2 таҳхона, таъмири миёна, фурудгоҳи куҳна, 450 000 сомонӣ. Тел.: 01-01-472-72

ИҶОРА МЕДИҲАМ

🡺 Хонаро шабонарӯзӣ иҷора медиҳам, люкс, бо соҳибхона. Тел.: 988-494-444

🡺 1-ҳуҷрагии ба 2-ҳуҷрагӣ табдилдодашуда, қабати 10, бинои навсохт, "Чордома", 4000-4500 сомонӣ, пешпардохт, ба хориҷиён ё оила бо 1 фарзанд. Тел.: 907-27-75-75

ҶОЙИ КОР

Ба посбонон (занҳо ва мардҳо) ниёз дорем, аз 25 то 60-сола, маош 1600 сомонӣ, хӯроки нисфирӯзӣ медиҳем. Тел.: 555-91-55-55, 93-133-00-03

КОР МЕҶӮЯМ

🡺 Рӯбучин ва хизматрасонӣ ба хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

🡺 Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

🡺 Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

🡺 Рӯбучини хона. Тел.: 988-26-36-43, 555-59-21-63

🡺 Рӯбучини хона соатакӣ. Зарфшӯӣ дар тӯй ва маъракаҳо. Тел.: 110-82-82-10

МОШИНБОЗОР

Мефурӯшам: Chevrolet, Spark, 2014 с/б., ранги осмонӣ, автомат, мошин ҳолаташ хуб аст, ронандааш зан буд, аз вагон ва дасти аввал, 58 000 сомонӣ. Тел.: 907-08-83-48

ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

🡺 Репетитори забони русӣ. Тел.: 91-718-27-17

🡺 Таъмири пурраи хона аз А то Я. Арзон. Тел.: 919-10-10-18

Таъмири яхдон, кондитсионерҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ. Босифат, бокафолат. Тел.: 93-447-05-71, 917-55-05-71

Насби батареяҳо, ваннаҳо, унитазҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, термексҳо. Тел.: 918-722-822

🡺 Газовик. Тел.: 988-61-10-57

🡺 Хизматрасонӣ оид ба чидани брусчаткаи пиёдароҳа. Тел.: 104232005, усто Ҳамза

МЕХАРАМ

🡺 Ноутбукҳои корӣ ва корношоям, телевизор, усилителҳоро мехарам. Тел.: 555-52-79-79

🡺 Мошинаҳои либосшӯии автомат, корношоямро мехарам. Тел.: 555-52-79-79

Зарфҳо, пардаҳо, курпа, курпача, қолину палос, одёл, китоб, телевизорҳои ҳамвор, расмвораҳо, флягҳо, зарфҳо, кондитсионерҳо. Тел.: 903-30-83-07, 987-60-50-47, 979-14-66-22

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти даврони шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаи ҷомашӯӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти даврони шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғаз мехарам. Тел.: 904-09-59-17, 108-99-99-34, 401-99-89-89

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯӣ, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯӣ, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, флягҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, банкаҳо, асбобу анҷом, қолин, курпача, китобҳо, тангаҳо, нишонҳо, медалҳо, ҳайкалчаҳо, хрустал, яхдонҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, кондитсионерҳо, коғазпора, дастгоҳҳо (станки) ва оҳанпора. Тел.: 901-03-93-93, 918-70-16-92, 934-58-12-05

Зарфҳо, қолинҳо, флягҳо, асбобҳои давраи шуравӣ, танга ва дигар чизҳоро мехарем. Тел.: 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

Китоб, расмвора, зарф, қолин, палос, курпа, курпача мехарам. Тел.: 900-47-07-80, 989-88-78-78, 88-214-87-87

ЭЪТИБОР НАДОРАД

🡺 Шиносномаи техникӣ ба номи Ҷумаев Абдушукур Қаюмович, бо суроғаи н. Варзоб, ҷамоати С. Айнӣ, кӯчаи Қулписта, санаи 31.03.2011, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шартномаи хариду фурӯши ширкат аз санаи 19.05.2017, бо суроғаи ш. Ҳисор, ҷамоати Алмосӣ, деҳаи Бобосухан, масоҳаташ 717 м.м., ки дар МБТИ шаҳри Ҳисор ба номи Шодиев Рахматулло ба қайд гирифта шудааст, беэътибор дониста шавад.

🡺 Сертификат оид ба ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин, А 0287784, ба номи Бехбудов Мелик, масоҳаташ 66.9 сотих замин дар ноҳияи Ҳисор, ки барои фермаи чорводорӣ ҷудо карда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Эълони чопшуда дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, №6 (1671), аз 11.02.2026, оид ба гум шудани созишномаи №1757-ГХ/И дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот, санаи 12.05.2025, ба номи Раҳмонқулова Сайрам Мирзохоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ 53, бинои Истиқлол, ошёнаи 13, блоки М (фазаи 5) беэътибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Рахимов Амиршо, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ 29/1, ҳ. 65, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Рахимов Амиршо, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 110, ҳ. 79, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи техникии гумшуда ва дафтари ҳавлӣ ба номи Федорин Павел Викторович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ, бинои 48, ҳ. 48, аз эътибор соқит дониста шавад.

🡺 Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дарақаи А, №0133652, аз санаи 21.07.2006, рақами қайд №6085, ба номи Носиров М, н. Рӯдакӣ, ҷам. деҳоти Қуштеппа, деҳаи Киров, ки дар Кумитаи давлатии заминсозӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ба номи Норов Нур, н. Варзоб, ҷамоати Чорбоғ, деҳаи Кули ҳавой, ки соли 1989 аз ҷониби МБТИ ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Билети донишҷӯӣ ба номи Нозимова Насима Дилшодовна, ки соли 2025 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Билети донишҷӯӣ ба номи Орзузода Марям Орзу, ки соли 2025 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси КТ Акбар 96, РЯМ: 0710005560, РМА: 070000312, ки аз 16.12.2014 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи техникӣ ба номи Хоҷаев Махсатулло Салоҳович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, деҳаи Роҳатӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Шарипов Парвиз Фирузович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Ҳусейнзода 1, ҳ. 7, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Бобочонова Мастура, РЯМ: 3330038012, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Қаршиева Муҳайё, санаи таъсис 25.02.2013, РЯМ: 0730074034, РМА: 075150073, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Тоиров Содиқҷон, санаи таъсис 08.08.2016, РЯМ: 0730078241, РМА: 075795465, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №3367, аз санаи 14.11.2018, ба номи Бураков Мунаваршо Пирумович, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, шаҳраки М. Турсунзода, деҳаи Истиқлол 4, КДФ БММГ ноҳияи Рӯдакӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №5936, аз 12.03.2019, ба номи Бураков Мунаваршо Пирумович, ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки М. Турсунзода, деҳаи Истиқлол 4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

🡺 ҶДММ "ЮСУФИ ҒАФОР", РЯМ: 0410041436, РМА: 040063917, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

🡺 ҶДММ "Чойхонаи Садбарг", №0268289, РЯМ: 0110028930, РМА: 010105425, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

🡺 Кооперативи тиҷоратии "Умед", РМА: 200002067, барҳам мехӯрад.

🡺 Кооперативи тиҷоратии "Искандар Акбаров", РЯМ: 071002526, РМА: 070002526, ки аз 15.04.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) **93 111 08 87**



РАФТОРИ КӮДАКОНА

- Чаро шумо аз занатон чудо шуданӣ ҳастед?
- Охир, вай рафторҳои кӯдакона дорад.
- Мисол?
- Масалан, ман аз коғаз киштичаҳо сохта, ба ванна сар медиҳам, вай онҳоро ғарқ мекунад...

АСАБИ ОРОМ

- Алло, мардак, ман нафаҳмида ба ҷои доруи шикамдард ба кисаат доруи оромкунандаи асаб гузоштаам. Худатро чӣ хел ҳис мекунӣ?
- Нағз. Ҳарчанд шимамро олонда бошам ҳам, тамоман оромам...

МОНОЛОГ

- Дада, диалог чист?
- Гуфтугӯи ду нафарро диалог мегӯянд.
- Тавре, ки модарам бо шумо гап мезанад?
- Не, онро монолог мегӯянд...

АЗ КУҶО ХАРИДӢ?

- Ку бигӯ, аз кучо пул ёфта, мошини нав харидӣ?
- Мотосикламро фурӯхта, ба болояш каме пул зам карда, харидам.
- Мотосиклро аз кучо харидӣ?
- Велосипедамро фурӯхта, харидам.
- Велосипедро аз кучо ёфтӣ?
- Э сарамро ин қадар гаранг накун. Барои велосипед ман аллакай шишта баромадам...

МОҲИДОРӢ

Аз девонахона хостанд бемореро, ки ба гумонашон шифо ёфтааст, ҷавоб диҳанд. Бо ин мақсад комиссия ҷамъ шуда, барои санҷиш бо ӯ саволу ҷавоб карданд.

- Ку бигӯ, моҳиҳо дар кучо зиндагӣ мекунанд?
- Дар дарё.
- Дар унитаз моҳӣ ҳаст?
- Не, нест.
- Бисёр хуб, ба ту ҷавоб!

Бемор вақте либосҳояшро ҷамъ мекард, рафиқаш ба ӯ гуфт:

- Чаро гуфтӣ, ки дар унитаз моҳӣ нест? О, ману ту ҳамеша он ҷо моҳидорӣ мекардем ку!

Бемор гуфт:

- Ман девона нестам, ки ҷойҳои моҳидорро ба онҳо гӯям...

Х. БАСРИДДИНОВ

“ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ”

Марде ба рақами “Ёрии таъҷилӣ” занг зада, мегӯяд:

- Алло! “Ёрии таъҷилӣ” аст? Ин ҷо аҳволи нафаре бад аст!

Дар ҷавоб мегӯянд:

- Ҳоло аҳволи кӣ хуб аст?

КУМАК

Дар кӯча ҷавоне аз роҳгузар мепурсад:

- Ако, бахшиш, шумо ба ман роҳи беморхонаро нишон дода метавонед?

Роҳгузар мегӯяд:

- Медонед, фаҳмонидан кори душвор аст, бехтараш ба саратон як мушт фароварда, “Ёрии таъчилӣ”-ро даъват кунам, кори осонтар аст!

ТРАКТОР

Муаллимае аз деҳоти дурдаст дар интихоби шавҳар душворӣ мекашад. Дугонааш ба ӯ мегӯяд:

- Сафармоҳ, чаро нозу нуз карда мешинӣ, директори мактабро мегирӣ ё трактурчиямонро?

Сафармоҳ мегӯяд:

- Дугоначон, чӣ кор кардanamро намедонам. Агар директорро гирам, ба зудӣ ба вазифаҳои болоӣ баромада метавонам, вале бе трактор ба мактаб расида наметавонам...

РАВҒАНИ ЗИЁДАТӢ

Мард аз занаш мепурсад:

- Занак, ту дар баданат равғани зиёдатӣ дорӣ?

Зан ба қаҳр омада:

- Бале, дорам.

Мард аз саволи додааш пушаймон шуда, мегӯяд:

- Ин занакчони ман ҳама чизро дорад-е!

ХУШДОМАН

Марде аз дӯсташ мепурсад:

- Шоҳин, чаро ту хушдоманатро аз занат бештар дӯст медорӣ?

Шоҳин мегӯяд:

- Хушдоманам аз аввал зидди оиладор шудани мо буд!

ҲАМСОЯ

Марде ба ҳамсояаш смс менависад:

- Ҳамсоя, шарм намедоред, садои мехрварзии шумову занатон то хонаи мо меояд!

Ҳамсоя дар ҷавоб менависад:

- Ман дар сафари хидматӣ ҳастам, ҳамсоя!

ТАВСИЯ

Ҷавоне аз ҷӯрааш мепурсад:

- Ман ба тарабхона, ба зиёфат рафта истодаам. Ту намедонӣ, ки майи сурх ва майи сафедро бо кадом хӯрок тановул мекунанд?

Дӯсташ мегӯяд:

- Майи сурхро бо гӯштбирён истеъмол намо, майи сафедро бо моҳӣ...

Ҷавон боз мепурсад:

- Аракро чӣ?

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Аракро бо ҳар чизе мехоҳӣ, истеъмол намо, ҳатто бо торт ҳам метавонӣ хӯрдан гирӣ!

ҶАБРДИДА

Зан соати 3-и шаб ба шавҳараш смс менависад:


- Ту дар кучой!? Соат 3-и шаб шуд!!!

Шавҳар ҷавоб менависад:

- Маро махлуқони сайёраи дигар дуздиданд. Ҳар гуна санҷишу таҷрибаҳо мегузаронанд. Аллакай ба сару рӯям атр пошида, лабсурхкунак молиданду тахтапуштамро хароширда, пулҳоямро гирифтанд, вале ваъда доданд, ки баъди як соат ҷавоб медиҳанд...

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд



ТОЧИКИСТОН
Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост!

ТАҚВИМИ МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН 2026

Рамазон	Ҳафта	Рӯз	Субҳи содиқ	Шом
01	Панҷшанбе	19.02.26	05:41	18: 14
02	Ҷумъа	20.02.26	05:40	18: 15
03	Шанбе	21.02.26	05:39	18: 16
04	Якшанбе	22.02.26	05:38	18:17
05	Душанбе	23.02.26	05:37	18: 18
06	Сешанбе	24.02.26	05:35	18: 20
07	Чоршанбе	25.02.26	05:34	18: 21
08	Панҷшанбе	26.02.26	04:32	18: 22
09	Ҷумъа	27.02.26	04:31	18: 23
10	Шанбе	28.02.26	05:29	18: 24
11	Якшанбе	01.03.26	05:28	18: 26
12	Душанбе	02.03.26	05:27	18: 27
13	Сешанбе	03.03.26	05:26	18: 28
14	Чоршанбе	04.03.26	05:24	18: 29
15	Панҷшанбе	05.03.26	05:22	18: 30
16	Ҷумъа	06.03.26	05:20	18: 31
17	Шанбе	07.03.26	05:19	18: 32
18	Якшанбе	08.03.26	05:17	18: 33
19	Душанбе	09.03.26	05:16	18: 34
20	Сешанбе	10.03.26	05:14	18: 35
21	Чоршанбе	11.03.26	05:13	18: 36
22	Панҷшанбе	12.03.26	05:11	18: 37
23	Ҷумъа	13.03.26	05:10	18: 38
24	Шанбе	14.03.26	05:08	18:39
25	Якшанбе	15.03.26	05:07	18: 40
26	Душанбе	16.03.26	05:05	18: 41
27	Сешанбе	17.03.26	05:04	18: 42
28	Чоршанбе	18.03.26	05:02	18: 43
29	Панҷшанбе	19.03.26	05:01	18: 44
30	Ҷумъа	20.03.26	05:00	18: 45

НИЯТИ РӮЗАИ МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН

Ба забони арабӣ

Ва лисавми ғаддин мин шаҳри рамазоналлазӣ фаризатан навайту.

Ба забони тоҷикӣ

Ният кардам рӯзаи моҳи шарифи Рамазонро аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб.

НИЯТИ ИФТОР

Ба забони арабӣ


Аллоҳума лака сумту ва бика оманту ва алайка таваккалту ва ало ризқика афтарту.

Ба забони тоҷикӣ

Парвардигоро! Барои ризогии Ту рӯза доштам ва ба Ту имон овардам ва ба Ту такя дорам ва ба ризқи додаи Ту ифтор кардам.

Тасбеҳи намози таровеҳ

«Субҳона Зил-мулки вал-малакут, субҳона Зил-ъиззати вал-ъазамати вал-қудрати вал-кибриёи вал-ҷабарут, субҳонал-Маликил-Ҳаййиллазӣ ло яному ва ло ямут, Суббуҳун Қуддусун Раббуно ва Раббул-малоикати вар-рӯҳ».



ЭЗОҲ:

Эҳтимоли зиёд аст, ки имсол тибқи ҳисобҳои пешакии илмӣ Рамазон 29 рӯз шавад! Тақвим мувофиқ ба шаҳри Душанбе гирифта шудааст.

Шаҳру ноҳияҳое, ки вақти онҳо пеш аз вақти шаҳри Душанбе аст:

Истаравшан - 1 дақиқа,
Кӯлоб - 4 дақиқа,
Ҳамадонӣ -3 дақиқа,
Хуҷанд - 3 дақиқа,
Рашт - 6 дақиқа,
Конибодом - 6 дақиқа,
Исфара - 7 дақиқа,
Ашт - 6 дақиқа,
Хоруғ - 11 дақиқа,
Мурғоб - 20 дақиқа,
Ш. Шоҳин - 5 дақиқа,
Муминобод - 3 дақиқа

Шаҳру ноҳияҳое, ки вақти онҳо баъд аз вақти шаҳри Душанбе аст:

Панҷакент - 5 дақиқа,
Шаҳритус - 3 дақиқа,
Айнӣ - 1 дақиқа,
Н. Хусрав - 4 дақиқа,
Турсунзода - 3 дақиқа.